ПЕШГӮИИ ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН АЗ НИГОҲИ БАОР с.9

ДИРЕКТОРИ МАКТАБ ҲАМ БА АРТИШ РАФТ с.6

ХИЗМАТРАСОНИИ БОСИФАТ ДАР АМОНАТБОНК с.7

ТОҶИКИСТОН

№51 (1562)
20.12.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! ~



ОМИКРОН Ё ЗУКОМ?

Аз посухи Вазорати тандурустӣ то тавсияи мутахассис



M.O.O. Group

СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,

ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ



Моликияти МБИ "АҲРОРӢ":

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеой бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки "Обшорон".

Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

ДАР ИН ШУМОРА:

ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ
Имзои созишномаи нави ҳамкорӣ
с.2

ШОНС Ё ҶОЙПУРКУНӢ?
Маркази миллии тестӣ ҳоло ҳам довталаб қабул мекунад
с.3

АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА:
Тӯрон ва тӯрониён аз нигоҳи Фирдавсӣ
с. 4

ТО 800 СОМОНӢ
Чаро туҳфаҳои солинавӣ дар Душанбе гарон шуданд?
с. 5

ХУҶАНД
Соли нав омаду харидор нигарон
с. 9

ҲУҚУҚ
Кордзанӣ дар Ваҳдату таҳқири милитсия дар Русия
с. 11

ВАРЗИШ
Ғолибони Чемпионати Тоҷикистон маълум шуданд
с. 10

КАНЗИ ШИФО
6 бемории зимистона
с. 12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

ДАРХОСТИ ТОҶИКИСТОН АЗ СААД

Раиси Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон дар ҷаласаи Шӯрои Ассамблеяи парлумонии СААД масоили марзиро ба миён гузошт.

Раиси Маҷлиси намояндагони Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода, ки дар ҷаласаи Ассамблеяи парлумонии СААД иштирок кард, умед ба таҳкими шарикии стратегии кишварҳои узви созмон намуд.

Ба гуфтаи ӯ, кишварҳо бояд ҳамкориҳои муассирро дар арсаи низомӣ, аз ҷумла муқовимат бо вуруди гурӯҳҳои террористӣ, қочоқи маводи мухаддир ва чолишҳои ҷиноёти созмонёфтаи фаромиллӣ афзоиш диҳанд.

Зокирзода афзуд, ки терроризму ифротгароӣ, киберҷинояткорӣ ва қочоқи маводи мухаддир ҳамчунон хатари ҷиддӣ барои кишварҳои САД боқӣ мондаанд ва Тоҷикистон ин падидаҳоро дар ҳама шаклу зуҳуроташ маҳкум мекунад.

Дар ҳамин ҳол, дабири кулли СААД барномаи размоишҳои кишварҳои узви созмонро дар соли оянда баён дошт, ки ба такмили омодагӣ ва малакаи ҷангӣ равона шудааст.

- Машқҳо дар қаламрави чаҳор кишвар - Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон баргузор мешаванд,- иттилоъ дод дабири кулли СААД Имангали Тасмагамбетов дар ҳузури роҳбарони парлумонҳо.

Дар умум кишварҳои узви СААД барои соли оянда 7 тамрини муштараки низомиро барномарезӣ кардаанд.

ТОҶИКИСТОН БА АФҒОНИСТОН ЧӢ ҚАДАР БАРҚ ФУРӮХТ?

Дар моҳи ноябр Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи зиёда аз 1,9 млн доллар нерӯи барқ содир кардааст. Ин қариб 46% зиёдтар нисбат ба моҳи пешин мебошад.

Аз оғози соли 2023 дар маҷмуъ нерӯи барқи Тоҷикистон ба маблағи зиёда аз 107,7 млн доллар ба хориҷи кишвар интиқол дода шудааст, ки 5% зиёдтар дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022 аст.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон танҳо бо ду давлат - Афғонистон ва Ӯзбекистон дар бораи интиқоли нерӯи барқ дар соли 2023 қарордод ба имзо расонид.

Қаблан дар ҶСК "Барқи тоҷик" изҳор дошта буданд, ки содироти нерӯи барқ ба Ӯзбекистон танҳо дар давраи тирамоҳ сурат гирифта, интиқоли он ба Афғонистон дар давраи тирамоҳу зимистон низ идома меёбад, лекин дар ҳаҷми начандон зиёд, "танҳо барои коршоям нигоҳ доштани зерсохтор", зеро дар мавсими сармо дар худи ҷумҳурӣ камбуди шадиди барқ эҳсос мешавад.

Сокинони деҳоти ҷумҳурӣ аз даҳаи охири моҳи сентябр дар ҳаҷми маҳдуд - 5-6 соат дар як шабонарӯз бо барқ таъмин карда мешаванд.

Бино ба маълумоти Агентии омор, дар зарфи 11 моҳи соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ ҳудуди 19,9 млрд киловатт-соат нерӯи барқ истеҳсол карда шудааст, ки 3,4% зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 аст.

Соли ҷорӣ зиёда аз 95%-и нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва қисмати боқимонда дар марказҳои барқу гармидиҳӣ ва нерӯгоҳҳои офтобӣ истеҳсол шудааст.





ИМЗОИ СОЗИШНОМАИ НАВ БАЙНИ ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

Дар доираи сафари сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ба Русия ҷаласаи навбатии комиссияи байниҳукуматӣ баргузор гардида, чанд санад ҳам имзо шуд.

Аз ҷумла, дар шаҳри Москва созишномаҳои байниҳукуматии Тоҷикистону Русия дар мавриди бунёд ва фаъолияти маркази рушди истеъдодҳо дар Душанбе ва Театри драмавии ба номи Владимир Маяковский имзо шуданд.

Санадҳои мазкур зимни ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии ду кишвар таҳти раёсати сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва муовини сарвазири Русия Марат Хуснуллин имзо гардиданд. Расулзода дар ҷамъбасти ҷаласа гуфт, ки нақшаҳои ҳамкорӣ барои соли оянда муайян шуданд.

"Тоҷикистон ба ҳамкориҳои стратегӣ бо Русия дар ҳама самтҳои имконпазир манфиатдор буда, омода аст, ки минбаъд низ тамоми талошҳои заруриро ба харҷ диҳад",- гуфт Расулзода.

Хуснуллин гуфт, ки дар шароити нооромиҳои геополитикӣ ҳам шарикии стратегӣ ва иттифоқии Русия ва Тоҷикистон рушд ёфта истодаанд ва барои ин роҳбарони ду давлат бевосита мусоидат мекунанд.

Хуснуллин афзуд, ки дар соли 2024 тамаркуз ба таҳкими ҳамкорӣ дар самтҳои саноати сайёҳӣ, рушди долонҳои нақлиётӣ ва гардиши мол дар назар аст.

САРИ САБЗ



Ҳалим САНГИН,
Арбоби ҳунари Тоҷикистон

- Ҳастанд онҳое, ки дар ҳақиқат шавқу шӯр доранд... Ман бештар ба шогирдонам супориш медиҳам, то ҳолатеро мушоҳида карда, наворбардорӣ кунанд. Бо ин роҳ мехоҳам онҳо мушоҳидакор бошанд ва чизҳоеро омода кунанд, ки марбути ҳамин замонанд.

- Эҳа, вақте худатонро устод ҳисобида метавонед, ки ҳолатеро мушоҳида кардаву ба шогирдон супориш диҳед, то наворбардорӣ кунанд. Ҳама корро худашон кунанд, устод чӣ лозим?



Юсуф АКРАМЗОДА,
директори КВДҶ "Тоҷикагролизинг"

- КВДҶ "Тоҷикагролизинг" чиҳати таъмини таҷҳизоти кишоварзӣ, гузаронидани амалиёти иҷораи молиявӣ ва хизматрасонии техникӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, дар ҳама шаҳру вилоятҳо, дар дарёфти қарзҳои имтиёзнок корҳои мақсаднокро ба анҷом мерасонад.

- Бисёр директорҳои дигар ҳам корҳои мақсадноки худро ҳамин хел тавсиф мекунанд, ҷаноб. Барои ҳамин, як савол: Чаро нақшаи пахта иҷро намешавад?



Муҳиддини МУЗАФФАР,
режиссёри маъруфи тоҷик

- Рӯзе бо соҳибкоре дар мавриди қадр накардани филм аз ҷониби тамошобин суҳбат доштам. Ӯ ҷумлаи аҷибе гуфт, ки бисёр писандам омад. Гуфт: "Коргардонҳо бояд муъҷиза офаранд". Мо бо як филм наметавонем номдор шавему муъҷиза офарем.

- Ҳаҳаҳаҳ, он соҳибкор аҷаб сухани соддалавҳонае гуфтааст. Коргардонҳо ақаллан коре кунанд, ки филмҳояшон номдор шаванд, муъҷиза офариданашон шарт нест.



ОМИКРОН Ё ЗУКОМ?

Аз посухи Вазорати тандурустӣ то тавсияи мутахассис

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон хабарро дар ин хусус, ки гӯё навъи нави коронавируси COVID-Omicron XBB дар гардиш аст, рад менамояд. Аммо таъкид менамояд, ки ҳоло бемориҳои шадиди роҳҳои нафас дар кишвар дар гардиш ҳастанд.

Ташхис чиро нишон дод?

- Имрӯзҳо нафароне, ки бо нишонаҳои бемориҳои шадиди роҳҳои нафас ба муассисаҳои тиббӣ мурочиат мекунанд, аз онҳо ташхиси бемории COVID-19 гирифта мешавад,- омадааст дар хабарномаи вазорат.- Хушбахтона, натиҷаи ташхисҳо нишон медиҳанд, ки то кунун дар мамлакат ягон нафар ба ин вирус гирифтор нест.

Вазорат мегӯяд, ки бо истифода аз тавсияи мутахассисони соҳа, мардум бояд худ ва наздиконашонро аз бемориҳои шадиди роҳҳои нафас эмин нигоҳ доранд.

Ба таъкиди мутахассисони соҳаи тиб, зуком бемории шадиди сироятии роҳҳои нафас ба шумор меравад. Ба ин беморӣ ашхоси тамоми синну сол, алалхусус, кӯдакону пиронсолон, ки масуният (иммунитет)-и заиф доранд, гирифтор мешаванд.

Нишонаҳои беморӣ

Шахси бемор табларза шуда, ҳарорати баданаш баланд мегардад, дар мушаку буғумҳо дардро ҳис менамояд, аз сулфаи хушк ё балғамдор азият мекашад, оби биниаш зиёд меравад, димоғаш маҳкам мешавад, дарди гулӯ ва сустию беҳолӣ эҳсос мекунад. Дар баъзе ҳолатҳо бемор аз дарди гӯш шиква карда, аз иштиҳо мемонад. Баъзе кӯдакон зимни гирифторӣ ба зуком қай мекунанд, сусту беҳол мешаванд.

Бояд гуфт, ки бемориҳои шадиди роҳҳои нафас дар натиҷаи шамолкашӣ сар мезананд. Зуком бо роҳи ҳавоӣ-қатрагӣ дар натиҷаи муошират бо бемор сироят мекунад. Нахустин нишонаҳои зуком баъди 3-4 рӯзи сироятёбӣ маълум мешаванд.

Беморони зуком вақти сулфидан дар гулӯ ва қафаси сина дард ҳис мекунанд.

Чӣ бояд кард?

Пеш аз ҳама, сачоқу зарфҳои чою ғизохӯрӣ ва бистари беморро алоҳида бояд кард, то ба дигарон сироят накунад. Худсарона истеъмол кардани ҳар гуна дорухо, махсусан антибиотикҳо, дуруст нест. Зеро зуком бемории вирусӣ аст ва истеъмоли антибиотикҳо нафъ намерасонад. Духтур ҳолати беморро дида, дору тавсия медиҳад.

Бемор бояд дар як шабонарӯз 8 соат хобад, истироҳат кунад. Дар давоми рӯз нӯшидани чойи сабзи гарм, чойи бобуна, настаран (хулул, хуч), мармарак, пудина, нозбӯ бо иловаи асал муфид аст. Барои мустаҳкам намудани масуният (иммунитет) чойи занчабил (имбир) бо як қошуқча асал фоида дорад.

Хонаи дар он бемор хобидаро бо латтаи намнок тоза бояд кард. Агар дар дастархони бемор меваю сабзавоти тару тоза (сир, пиёз) маҳсулоти ширӣ, киви, лимӯ, афлесун ва асал бошад, бемор зудтар шифо меёбад. Шӯрбои гӯшти мурғ, моҳӣ, мастобаи серкабудию райҳондор низ фоида дошта, шифоёбии беморро метезонанд. Ҳангоми зуком истеъмоли қаҳва тавсия дода намешавад.

Чораҳои пешгирӣ

Дар вақти ба ҷойҳои серодам рафтан аз ниқобҳои тиббӣ, ки ҳоло дар дорухонаҳо фаровонанд, истифода бояд кард. Баъди истифода аз нақлиёти ҷамъиятии мусофиркашӣ (автобус, троллейбус, микроавтобус) дастҳоро дар хонаю ҷойи кор бо собун ва биниро бо намакоби ширгарм шустан лозим аст. Бо мақсади пешгирии сироятёбӣ, пеш аз хона баромадан ба сӯрохиҳои бинӣ малҳами оксолин бояд молид. Ҳавои ҳуҷраро иваз ва фаршро бо латтаи намнок пок кардан муфид мебошад. Ҳарорати хонаро бояд муътадил нигоҳ дошт. Шустани дастон пеш аз хӯроку баъди хӯрок бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла зукомро низ пешгирӣ мекунад.

Ҳангоми атсазанию сулфа пеши даҳонро бо рӯймолча гирифтан эҳтимоли зиёдтар паҳншавии барангезандаҳои бемориро пешгирӣ менамояд.

Истифодаи машруботи спиртию тамоку масуниятро заиф карда, хавфи гирифторшавии ҳар гуна бемориро меафзояд.

Ҳамчунин, обутоб додани бадан дар пешгирии бемориҳо нақши муҳим мебозад. Барои мисол, сайругашт дар ҳавои тоза, хоби бароҳати 8-соата ва истироҳати бомеъёр эҳтимоли гирифторшавӣ ба бемориҳоро кам менамоянд.

▸▸ *Ҳамчунин*

Наврӯз Ҷаъфаров:

ҲОЛО ЗАРУРАТ БА ЧОРАҲОИ ШАДИД НЕСТ



Масъулини Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мегӯянд, ки ҳоло дар Тоҷикистон зарурат ба чораҳои шадиди пешгирикунандаи бемориҳои сироятӣ, аз қабили бастани мактабҳо ва ё дигар муассисаҳо дида намешавад.

Наврӯз Ҷаъфаров, сардори Раёсати амнияти эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолӣ гуфт, ки ҳоло танҳо хурӯчи бемориҳои мавсимӣ дар кишвар сабт шудааст. Ба гуфтаи ӯ, чун дигар кишварҳои минтақа дар ҷумҳурии мо низ баландшавии сатҳи бемориҳои роҳҳои нафас, яъне зуком ва ба зуком монанд ба мушоҳида мерасад.

"Хушбахтона зарурати чораҳои шадиди пешгирикунанда, аз қабили бастани мактабҳо ва ё дигар муассисаҳо дида намешавад. Ҳама дар реҷаи муқаррарӣ фаъолият доранд",- гуфт ӯ.

Ба таъкиди номбурда, озмоишгоҳи вирусологӣ гардиши зукомро тасдиқ кардааст, ки ин якумин мавҷи беморӣ буда, шадидии он то ҳол нигаронкунанда нест. Навъи нави коронавирус низ то ҳол дар ҷумҳурӣ сабт нашудааст. Бинобар ин, ваъи бемориҳои эпидемиологӣ дар Тоҷикистон таҳти назорати мутахассисони вазорат будааст.

ШОНС Ё ҶОЙПУРКУНӢ?

Маркази миллии тестӣ ҳоло ҳам довталаб қабул мекунад

Дар даври чоруми бақайдгирии довталабон 1 ҳазору 132 довталаб номнавис шудаанд. Ин давра барои довтлабони шуъбаи ғоибона пешбинӣ шудааст.

Бино ба иттилои Маркази миллии тестӣ, онҳо давоми 1 моҳ - аз 9-уми ноябр то 9-уми декабр номнавис шуданд ва дар имтиҳоноти қабул, ки 17-уми декабр ҷамъбаст шуд, аксарият ширкат доштанд.

Эълони натиҷаи даври чоруми имтиҳонҳо 22-юми декабр ва натиҷаи озмуни тақсимоти асосӣ аз рӯйи он 24-уми декабр ба нақша гирифта шудааст.

Ёдовар мешавем, ки соли равон бори аввал даври чоруми бақайдгирии довталабон барои муҳассили бахши ғоибона дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии Тоҷикистон баргузор шуд.

Барои бақайдгирӣ дар 8 шаҳру ноҳияи интихобшудаи ҷумҳурӣ - Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб, Данғара ва Рашт нуқтаҳои бақайдгирӣ ташкил гардиданд.

Дар даври чоруми бақайдгирӣ ба довталабон ҷойҳои холимонда дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ аз рӯйи шакли ғоибонаи таҳсил пешниҳод шуд.

Бояд гуфт, ки чанд соли охир нақшаи қабули донишҷӯён дар кишвар ичро намешавад. Аз ҷумла, соли ҷорӣ тибқи иттилои ММТ, дар даври якум нақшаи қабули донишҷӯён ба донишгоҳу донишкадаҳои кишвар 53 дарсад ичро гардид.

Баъди ин, ММТ моҳи август даври дуюми қабули довталабон ва дар моҳи сентябр даври комилан нави қабули довталабонро ба роҳ монд. Дар даври сеюми имтиҳонҳои ММТ беш аз 8,7 ҳазор довталабон номнавис шуданд.

Роҳбарияти ММТ мегӯяд, ки сабаби ичро нашудани нақшаи қабул кам гардидани теъдоди хатмкунандагони мактаби миёна ва зиёд муқаррар шудани нақшаи қабул аст.

Коршиносон бар ин назаранд, ки яке аз омилҳои аслии ичро нашудани нақшаи қабули донишҷӯён Қонун “Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хидмати ҳарбӣ” мебошад. Ин қонун магистрантҳо ва докторантҳоро аз ҳуқуқи ба таъхир андохтани хидмати ҳарбӣ маҳрум намуд. Тибқи ин қонун, донишҷӯёне, ки кафедраҳои ҳарбии донишгоҳҳоро хатм мекунанд, низ уҳдадоранд як сол хидмати ҳарбиро адо кунанд.

ТӮРОН ВА ТӮРОНИЁН АЗ НИГОҲИ ФИРДАВСӢ



Абдунабӣ Сатторзода, профессор

Устод Адаш Истад аз Самарқанд ба банда навиштанд, ки ҳоло қариб ҳар рӯз мақолаҳо нашр мешаванд, ки дар онҳо Афросиёбро турк ва Тӯронро ҳамчун кишвари туркон меноманд. Ва савол карданд, ки оё ягон донишманд муайян намудааст, ки "Шоҳнома" то кӯҷо таърихи илмисту то кӯҷо асотиру ривоят". Дарвоқеъ, чи дар дохили Тоҷикистон ва чи дар хориҷи он дар бораи Фирдавсӣ ва "Шоҳнома" дар ин чанд соли охир ба ном мақолаву китобҳои илмие ба табъ расиданд, ки таҳрифи ошкорои афкор ва осори ин шоири бузург мебошанд. Дар фурсати муносиб онҳоро нақд хоҳем кард.

Ҳоло дар зер мақолаеро, ки 23 сол пеш аз ин навишта шуда буд, пешкаши шумо мекунем, ки посух ба бархе суолҳост.

Онҳое, ки имрӯз Тӯрон ва тӯрониёни ҳамосиро бо Туркистон ва туркони таърихӣ айният медиҳанд, аз ҷумла ба «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ истинод мекунанд. Дар ҳоле ки баррасии мунсифона ва ҳамаҷонибаи тамоми гуфтаҳои ин ҳамосасарои бузург дар заминаи мавзӯи ёдшуда тахмини болоро тасдиқ наменамояд.

Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» аз кишвари ҳамосии Тӯрон ҳамчунин бо номҳои «Тӯронзамин», «Шаҳри Тӯрон», «Тӯр» ва «Кишвари Тӯр» ёд овардааст. Аммо дар ҳеч мавриде мустақиман ишора ба он накардааст, ки Тӯрон муродифи Туркистон мебошад. Чунон ки ӯ ин амалро дар нисбати Мовароуннаҳр, Дашт, Байтулмуқаддас ва ғайра анҷом додааст ва онҳоро сареҳан Варазрӯд ё Куҳистон, Арванд ва Дижхӯхташ ё Хонаи пок номидааст. Гузашта аз ин, аз рӯйи мушоҳидаи мо, дар тамоми «Шоҳнома» истилоҳи «Туркистон» танҳо як маротиба ва он ҳам дар унвони фасли «Гуфтор андар рафтани Тӯс ба Туркистон» ба сифати минтақаи ҷуғрофии ҷудогона истифода шудааст, на ба ҳайси муродифи Тӯрон.

Тӯрон дар тасаввури шоири тӯсӣ кишварест, ки дар байни Чин ва рӯди Ҷайҳун (Омӯ) ҷойгир мебошад. Вай дар ин бора аз забони Афросиёб - шоҳи Тӯрон дар хитоб ба паҳлавони тӯронӣ Гарсеваз чунин фармудааст:

Зи Чин то лаби рӯди Ҷайҳун марост.

Аз он ки марзи Тӯрон то лаби рӯди Ҷайҳун буд, дар «Шоҳнома» борҳо, ба таври ғайримустақим, таъкид ёфтааст. Ин нукта хусусан ҳангоми лашкаркашиҳои тӯрониён ва эрониён бар зидди якдигар ба назар мерасад. Ҳамин ки лашкари тӯрониён ба лаби рӯди Ҷайҳун мерасад ва онро убур карданӣ мешавад, эрониён хабар меёбанд ва ба муқобилият бармехезанд. Ва ё баръакс ҳамин ки эрониён баҳри дафъи ҳамлаи тӯрониён бармехезанд ва то ба лаби рӯди Ҷайҳун мерасанд, тӯрониён огоҳ мегарданд ва ба ҷанг медароянд.

Ба ҳайати он кишваре, ки аз Чин то лаби рӯди Ҷайҳунро фаро гирифта буд, тавре ки аз баъзе гуфтаҳо ва ишораҳои соҳиби "Шоҳнома" бармеояд, сарзаминҳои Турк ва Чин (Туркону Чин, Дашти Туркону Чин, Чин) шомил будааст. Чунончи Салм - писари меҳтари Фаридуни эронӣ дар хитоб ба бародараш Тӯр писари миёнаи падар пас аз бахш кардани Фаридун чаҳонро ба писарон ба мақсади фитна андохтан ба муқобили бародари меҳтари худ Эраҷ гуфтааст:

Супорад туро Дашти Туркону Чин,
Кеҳ аз мо сипаҳдори Эронзамин.

Вале дар бораи он ки ба ҳайати кишвари Тӯрон ба ҷуз Турк ва Чин сарзаминҳои дигаре низ дохил буданд ё на, Фирдавсӣ дар ҳеч ҷойе сухан боз нанамудааст. Ҳол он ки дар ин фосилаи бузурги ҷуғрофӣ, ки аз Чин то рӯди Ҷайҳун тӯл кашидааст, ғайр аз Турк ва Чин таърихан чанд кишвари дигаре низ буд, аз қабили Суғд, Бохтар, Чағониён, Фарғона ва ғайра, ки аҳли онҳо аз мардумони бумии ин минтақа ва аз нажоди ориёӣ буданд. Аз ин кишварҳои ёдшуда муаллифи “Шоҳнома” танҳо аз Суғд дар мавриде ба ҳайси “подшоҳии ҷудо” - давлати мустақил ном бурдааст:

Ба Суғдему ин подшоҳи ҷудост.

Гумони ғолиб он аст, ки сарзаминҳои боқимонда низ дар қатори Турк ва Чин дар ҳудуди онвақтаи кишвари ҳамосии Тӯрони Фирдавсӣ буданд. Бино ба навиштаи академик Бобоҷон Ғафуров, ҳангоми истилои Мовароуннаҳр аз тарафи туркон, ки ба асрҳои VI ва VII масеҳӣ рост меояд, дар ин сарзамин давлати нисбатан муқтадири ҳайтолиён вуҷуд дошт, ки ба он аз ҷумла Эрони Сосонӣ боҷ медод. Низоъ ва задухӯрдҳои пайдарпайе, ки дар миёни ҳайтолиён ва Эрони сосонӣ ба вуқуъ мепайваст ва аз он муллифи китоби "Тоҷикон" шаҳодат додааст, ҷангҳо ва лашкаркашиҳои мунтазами эрониён ва тӯрониёнро дар "Шоҳнома" ба хотир меорад. Ва ин чиз исботи равшани он аст, ки бо ҳам ҷангидани ҳайтолиёну эрониён дар замони сосониён ва лашкаркашиҳои тӯрониёну эрониён дар ҳамоса далели он нест, ки онҳо аз қавмҳои дигар ва аз нажодҳои мухталиф буданд. Ҳақ ба ҷониби доктор Сайид Муҳаммад Дабири Сиёқист, ки дар замина фармудааст: “Тӯрониён ориёнинажоданд ва бо эрониёни ҳамнажоди худ... душманӣ ва рақобат меварзиданд”.

Дар бораи он ки Тӯрон яке аз панҷ баҳши Эроншаҳри қадим буд, дар Фравардини Яшти Авасто маълумот ҳаст. Донишмандон мабнӣ бар Авасто ба хулосае омаданд, ки низои байни Эрон ва Тӯрон заминаи мазҳабӣ дошт ва аз замоне сар шудааст, ки паямбар Зардушт ба даъвати яккахудоӣ оғоз карда буд. Ва ба назари онҳо, сабаби ғайриэронӣ эълон гардидани Тӯронён, ки қабилаҳои бодиянишини ориёнӣ буданд, низ дар ҳамнин мебошад. Ричард Фрай тахмин мекунад, ки бар асари идомаи фароянди ғайриэронӣ шуморидани тӯрониён ва ҳам ҳодисаи аз тарафи қабилаҳои туркнажод истило гардидани сарзамини Тӯрон бо Туркон ва Туркистон айният додани тӯрониён ва кишвари онҳо оғоз ёфтааст.

Аз Тӯр - писари Фаридун ва аҷдоди вай - Зодшам, Пашанг ва Афросиёб, ки дар Тӯрон ҳукмронӣ менамуданд, ҳамзамон бо унвонҳои Тӯроншоҳ ва Шаҳрёри Тӯрон ба ҳайси "Шоҳаншаҳи Туркону Чин», "Шоҳи Туркон", "Солори Туркону Чин" ва "Сипаҳдори Туркону Чин", "Шоҳи Чин" ном бурдани Фирдавсӣ ба он маъност, ки дар байни раъияти кишвари Тӯрон дар замонҳои баъдӣ ғайр аз қавмҳои ориёӣ ҳамчунин намояндагони қавмҳои дигар, дар айни замон туркон ва чиноиҳо низ буданд. Дар он замон, тавре ки муаллифони таърихномаҳо шаҳодат медиҳанд, аз замонҳои қадим дар ҳайати лашкариёни қавмҳои ориёӣ, ба шумули тӯрониён, туркон зиёд буданд. Ин, аз як тараф. Аз тарафи дигар, чунон ки аз таърихномаҳо бармеояд, пасон давлати ҳайтолиён ба фишору ҳамлаҳои дутарафаи Эрони сосонӣ ва туркони хоқонӣ тоб наоварда, ба ду бахш тақсим мешавад: шимоли он ба зери тасарруфи туркон ва ҷанубии он ба итоати Эрони сосонӣ медарояд. Дар гуфтаи зери солори Ҳайтолиён Ғотифар бо саркашон ишорае ба он аст, ки шоҳи Эрону Хоқони Чин бар зидди ҳайтолиён муттаҳид шуда буданд, ки оқибати он боиси аз ду тараф хароб гардонидани сарзамини ҳайтолиён шуд:

Чунин гуфт бо саркашон Ғотифар,
Ки: “Моро бад омад зи ахтар ба сар.
Агар шоҳи Эрону хоқони Чин
Бисозанду аз дил кунанд офарин,
Ҳарос аст аз ин дӯстӣ баҳри мо,
Ба ду рӯй вайрон шавад шаҳри мо”.

Дар ҳамин ҳолат ҳам, яъне баъд аз ба ду қисмат шудани кишвари Тӯрон, мо наметавонем, ки Тӯронро танҳо ба Туркистон ва тӯрониёнро сирф ба туркон айният диҳем.

Лозим ба таъкид аст, ки лафзи "турк"-ро Абулқосими Фирдасӣ дар "Шоҳнома" дар аксарияти маврид на ба маънои номи умумии қавмҳои маълум, балки ба маънои оми тарафи муқобил, ҳариф, рақиб ва душмани ҷониби эронӣ ва эрониён истифода менамояд. Чунончи, ӯ аз Афросиёб, Сиёвуш ва Сухроб, ки ба эронинажод будани онҳо худаш иқрор аст, гоҳе ба унвони “турк” ёд овардааст.

Дар бораи Афросиёб:
Ки он турк дар ҷанг нараждаҳост,
Дамоҳангу дар кина абри балост.

Дар бораи Сухроб:
Ба дил гуфт нокордида Ҳаҷир,
Ки гар ман нишони гави шергир -
Бигӯям бад-ин турки бо эӯри даст,
Чунин ёлу ин хусравонӣ нишаст.
Ва:
Ғамин гашт Ковусу овоз дод,
Ки: “Эй номдорони фарруҳнажод,
Яке назди Рустам баред огаҳӣ,
К-аз ин турк шуд мағзи гурдон тиҳӣ”.

Шоири тӯсӣ на танҳо Афросиёб - шоҳи Туркон, Сиёвуш ва Сухробро, балки ҳамаи онҳоеро, ки бо ин ва ё он сабаб чи дар майдони разм ва чи майдони чавгон дар рӯёрӯйи эрониён ва Эрон қарор гирифтаанд, турк, яъне ҳариф, рақиб, душман номидааст.

Ба маънии душман, рақиб, ҳариф истеъмол шудани лафзи "турк" аз тарафи Фирдавсӣ беасос нест. Таърихи қавмҳои ориёнӣ гувоҳи он аст, ки қавму қабилаҳои туркнажод ва кӯчиён бо ҳамлаҳои пайдарпай ва ғоратгаронаи хеш ба шаҳру деҳот ва водиҳои ободи онҳо дар тӯли қарнҳои зиёде худро дар чашми қавмҳои ориёӣ ба душманони асосии ободиҳову оромии эшон табдил дода буданд. Таҳаввули маъноии лафзи "турк" аз номи оми қабилаҳои туркнажод то ба исми оми қабилаҳои эронии ғайрисосонӣ ва ғайризардуштӣ дар ҳамин замина сурат гирифтааст.

Гузашта аз ин, калимаи "турк"-ро Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" ба ҳайси рамзи бадӣ истифода намуда, онҳоро ба истилоҳоти "Эрон" ва "эрониён" ба ҳайси тимсоли некӣ муқобил гузоштааст. Ин чиз ба сиришти тазодии ҳамосаи ӯ хос мебошад. Ба он маънӣ, ки дар тасаввури вай Эрон ва эрониён тачассуми неруҳои аҳуроӣ буда, Тӯрон ва тӯрониён аз неруҳои аҳриманӣ намояндагӣ мекунанд. Чунончи:

Ки он турк бадандешаву риман аст,
Ки ҳам баднажод асту аҳриман аст.
Ва:
Ки: «Эй турки бадгавҳари девзод
Ки чун ту сипаҳбуд ба гетӣ мабод».
Ва:
Ту, эй турки бадбахт, Пирони шум,
Ки на тоҷ бодат, на тахту на бум.
Ва:
В-аз он пас бипӯшид аз он турки зишт,
Ки: «Эй дузахирӯйи дур аз биҳишт.
Ва:
Сухан бас кун аз Хурмузи туркзод,
Ки андар замона мабод он нажод.

Ду кишвари ҳамнажод, яъне Эрон ва Тӯрон ва ду қавми ориёнӣ, яъне эрониён ва тӯрониёнро ба ҳам муқобил гузоштани Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» на танҳо нишони пайравӣ кардани ӯ ба суннатҳои асотирии қадимӣ аст, балки бештар аз ҳамин сиришти тазодии маснавиаш манша мегирад. Ва яқинан, пеш аз ҳама, ба хотири амалӣ гардонидани ҳикмати зардуштии асоси зиндагӣ, ҷомеаи инсонӣ ва табиат будани муборизаи некию бадӣ - Аҳурамаздо ва Аҳриман дар чаҳорчӯби каломи бадеъ анҷом дода шудааст.

Бо дарназардошти ин нукта мо ҳақ надорем, ки аз гуфта ва навиштаҳои муаллифи “Шоҳнома” бардошти муғризонае кунем ва кишварҳову қавмҳои ҳамосии ӯро ба ин ва ё он қавму кишварҳои имрӯзӣ аиният бидиҳем ва дар ҳамин замина даъвое бикунем ва ё бадтар аз ҳама миёни кишварҳову қавмҳои имрӯзӣ фитнае андозем.

Гуфта ва навиштаҳои Абулқосими Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” на сирф афсонаву хаёлист ва на дурусту рост.

Ба сухани дигар, ҳар он чӣ шоири тӯсӣ дар заминаҳои мухталиф фармудааст, агарчи, бидуни истисно, асоси воқеӣ доранд, вале намешавад, ки онҳоро айнан ба сифати ҳақиқати кул ва воқеияти кул бипазируфт. Дар ин бора худи муаллиф ишораи равшане дорад. Вай фармудааст:

Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба як сон равиш дар замона мадон.
Аз ӯ ҳар чӣ андар хӯрад бо хирад
Вагар бар раҳи рамз маънӣ барад.

Дар зиндагӣ, дар воқеият шахси золиму хунхоре, монанди Заҳҳок будааст ва китфони барҷаста ҳам доштааст. Аммо Заҳҳоке, ки морони китфонаш мағзи сари фарзандони одамиро мехӯранд ва Коваи Додгар маҳсули хаёлоти Фирдавсии шоир аст. Ё худ сарзамини бостонии Эрон қаҳрамононе мисли Рустами Дастон кам надидааст, монанди Сипетамин, Деваштич, Муқаннаъ ва дигарон, аммо ҷаҳонпаҳлавони ҳамеша пирӯз ва ҷовидоние мисли Рустам дар “Шоҳнома” эҷоди Фирдавсист. Ба ҳамин монанд будани туркон, ҳамлаи онҳо аз кишвари Олой ба Хуросону Мовароуннаҳр, харобкориву ғоратгариҳои онҳо дар таърих ҷой дошт. Лекин Эрону Тӯрон ва эрониёну тӯрониён натиҷаи андешаву хунари шоирии соҳиби "Шоҳнома" ва идомаи суннатҳои асотирии қадимист.

Варзиш

ДУ МЕДАЛИ ХОНАНДАИ ПОЙТАХТ ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Хонандаи синфи 5-и Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе Ҷонона Азиззода дар Чемпионати ҷаҳон оид ба таэквон-до ИТФ дар ду бахш ғолиб омада, соҳиби ду медали нуқра шуд.




Мусобиқа дар шаҳри Мински Беларус байни варзишгарони 47 давлати дунё бо иштироки 468 варзишгар баргузор гардид.

Хонандаи тоҷик дар байни довталабони 10-11-сола иштирок намуда, аз усули «техника» сазовори ҷойи 2-юм ва аз усули «спаринг» низ сазовори мақоми 2-юм гардид.

Маориф

МАҶАЛЛАИ НАВ БАРОИ ОМӮЗГОРОНИ ПОЙТАХТ



Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе барои омӯзгорон маҷаллаи «Маориф: таҳлил ва иттилоот»-ро таъсис дод. Мақсад аз таъсиси чунин маҷалла нашри мақолаҳои таълимӣ, методӣ, таҳлилӣ, илмӣ, оммавӣ, баррасии мушкилоти соҳа ва ёрии методӣ мебошад.

Омӯзгорон метавонанд аз ин минбар таҷрибаи худро паҳн сохта, доир ба дастовардҳои илмҳои педагогикаву психология, мактабшиносӣ, усулҳои муосир ва пурсамари тадриси фанҳои таълимӣ мақолаҳо нашр намоянд.

Инчунин, маҷалла ба рушди илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ, инъикоси фаъолияти пурсамари аҳли маорифи пойтахт, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии пойтахт мусоидат хоҳад кард.

Ичтимоиёт

20 ҲАЗОР ТОННА ЗАХИРА БАРОИ ЗИМИСТОН

Дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти мавриди ниёзи аввал дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023- 2024 аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатӣ «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалияи шаҳри Душанбе» 20020,1 тонна маҳсулоти хӯрокворӣ захира гардид.



Дар асоси дастури раиси шаҳри Душанбе нақша тартиб дода шудааст, ки тибқи он захираи маводи хӯрокворӣ бояд то 25-уми декабри соли 2023 пурра ичро гардида, то ин муддат маҳсулот дар ҳаҷми зарурӣ захира карда шавад.

Аз ҷумла, тибқи нақшаи тасдиқшуда, бояд то 25-уми декабр 5000 тонна картошка, 7000 тонна пиёз, 1000 тонна сабзӣ, 6000 тонна гандум, 2000 тонна шакар, 500 тонна равғани растанӣ, 3000 тонна орд, 100 тонна биринҷ захира шавад.

Ғайр аз ин, дар нуқтаҳои сераҳолии шаҳри Душанбе новобаста аз фасли сол, яъне ҳамарӯза ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти мавриди ниёзи аввал ташкил шудааст.

«Мақсад аз баргузории ин ярмаркаҳо - таъмини сокинону меҳмонони шаҳри Душанбе бо маҳсулоти хушсифати кишоварзию агросаноатӣ мебошад»,- гуфт муовини директори КВД «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалияи шаҳри Душанбе Хайрулло Сафарзода».

Сайёҳӣ

ХАТСАЙРИ ДУШАНБЕ - БАЛҶУВОН КУШОДА ШУД

Дар ҳамкорӣ бо ширкати “Азиян Експрес” хатсайри нави Балҷувон - Душанбе ва Душанбе - Балҷувон кушода шуд.

Хатсайри мазкур тавассути автобусҳои наву замонавии дорои шароити муосир ва нисбат ба нақлиёти сабукрав арзон ба роҳ монда шудааст. Сокинони ноҳия метавонанд ҳамарӯза аз хизматрасонии хатсайр истифода намоянд.

Нигаронӣ

АЗ 60 ТО 800 СОМОНӢ

чаро туҳфаҳои солинавӣ дар Душанбе қиммат шуданд?

Дар Душанбе дар остонаи таҷлили Соли нави мелодӣ давраи пурталотум барои фурӯши арча ва туҳфаҳои солинавӣ оғоз шудааст, вале сокинон мегӯянд, ки нархи арча назар ба соли қаблӣ гаронтар аст.

Арчафурӯши 30-солаи ҳамсуҳбати мо мегӯяд: «Агар чанд сол пеш баъзе гурӯҳҳо як ҳафта пеш аз Соли нав харидани арча ва туҳфаҳои солинавиро авлотар медонистанд, имсол аз аввали моҳи декабр ба таври қобили мулоҳиза афзоиши фурӯш мушоҳида мешавад”.

Вай қайд кард, ки ҳатто фурӯши лавозимоти солинавӣ, бахусус костюмҳои Бобои Барфӣ афзоиш ёфтааст. Аксари харидорон ҷавононанд.

- Имсол фурӯш хеле беҳтар шудааст. Ҳоло мардум арчаро асосан барои корхонаҳо ва боғчаҳо мехаранд. Фурӯши арча барои хона пас аз 20-уми декабр афзоиш хоҳад ёфт. Ба ҳар ҳол, эҳсосе ҳаст, ки Соли нав фаро мерасад,- мегӯяд ҳамсуҳбати мо.

Вале на ҳама сокинон имкони харидорӣ кардани арчаи солинавиро доранд. “Таҷлили Соли нав бидуни арча хуб намегузарад, вале бо нархҳое, ки онро мефурӯшанд, мо қодир ба хариданаш нестем”,- мегӯянд харидорон.

Мубина сокини пойтахт ва соҳиби панҷ фарзанд аст. Ӯ нияти дорад, ки Соли навро бо фарзандонаш зери арчаи солинавӣ таҷлил кунад, аз фурӯшандагон хоҳиш мекунад, то нархҳоро барои мардум дастрас намоянд. Ӯ мегӯяд: “Арча дастрас аст, вале нархаш не”.

Фурӯғ Салимшоева дар маркази Душанбе арчаи солинавиро интихоб мекунад, аммо дар ҳайрат аст, ки кадомашро интихоб кунад, зеро нарх хеле гарон аст. «Бо вучуди он ки ин ҷашни мардуми тоҷик нест, мо ҳамасола онро дар атрофи арчаи солинавӣ ҷашн мегирем. Мо мисли Бобои Барфӣ либос мепӯшем ва ба аёдати хешу табор меравем»,- мегӯяд ӯ.

Солҳои охир дар чумҳурӣ Соли нави мелодиро бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил мекунанд. Шуруъ аз оғози моҳи декабр дар боғҳои пойтахт арчаҳои солинавӣ ороста шуданд.

НАРХИ АРЧАИ СОЛИНАВӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

То як метр баландӣ - аз 60 то 800 сомонӣ
60 см - 135 сомонӣ
90 см - 195 сомонӣ

То ду метр баландӣ - аз 700 то 2500 сомонӣ
1,2 см - 275 сомонӣ
1,5 см - 595 сомонӣ
1,8 см - 755 сомонӣ

То се метр баландӣ - аз 2600 то 3000 сомонӣ
2,1 см - 875 сомонӣ
2,5 см - 1100 сомонӣ
2,8 см - 2400 сомонӣ

Омодасоз: Сумани УБАЙДУЛЛО



Ифтихор

БАРОМАДИ ОЛИМИ ТОҶИК ДАР КАНАДАВУ АВСТРИЯ

Олими тоҷик Гулчеҳра Қоҳирова дар нишасти байналмилалии занон-кайҳоншиносон иштирок кард. Ин ҳамоиши сатҳи ҷаҳонӣ дар шаҳри Монреали Канада доир гардид. Ҳамчунин, кайҳоншиноси шинохта Гулчеҳра Қоҳирова дар Анҷумани ҷаҳонии кайҳонӣ, ки дар дар шаҳри Венаи Австрия баргузор шуд, ширкат варзидааст.



Гулчеҳра Қоҳирова навовар аст ва пайваста кашфиёти назарраси астрономии худро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ менамояд. Ӯ доктори илмҳои физикаю математика, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директори Институти астрофизикаи АМИТ мебошад.

Гулчеҳра Қоҳирова иброз намуд, ки мақсади сафар ба шаҳри Монреали Канада ҳамчун намояндаи Тоҷикистон ва коршиноси эътирофшуда иштирок дар нишасти занон-коршиносони кайҳоншинос таҳти унвони «Таҳкими иқтидор ҷиҳати пешбурд ва дастёбӣ ба баробарии гендерӣ дар соҳаи кайҳоншиносӣ» буд, ки он аз ҷониби Кумитаи фаъолияти кайҳонии Созмони Милали Муттаҳид (UNOOSA) ва Оҷонсии кайҳонии Канада ташкил ва амалӣ гардид.

Дар нишаст зиёда аз 34 давлати ҷаҳон иштирок намуда, дар он масъалаҳои муҳим оид ба таҳкими иқтидор ҷиҳати пешбурд ва дастёбӣ ба баробарии гендерӣ дар соҳаи кайҳоншиносӣ баррасӣ гардидаанд.

Зимни нишаст Гулчеҳра Қоҳирова дар мавзӯи «Ҳамкории байналмилалии занони олим ҳамчун шарти ҳатмии баробарии гендерӣ дар тадқиқоти кайҳон - Омӯзиши мисоли Тоҷикистон» доир ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирӣ ва таҳкими саҳми занон дар ҷомеаи мамлакат, риояи баробарии гендерӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаи илму маърифат сухан гуфтааст.

Ҳамзамон, аз 11 то 15-уми декабр дар шаҳри Венаи Австрия Гулчеҳра Қоҳирова ҳамчун коршиноси соҳаи кайҳон ва намояндаи Тоҷикистон дар Анҷумани ҷаҳонии кайҳонӣ «Фазои кайҳонӣ барои ояндаи муштарак» иштирок намуд. Дар кори анҷуман масъалаҳои муҳим барои тамоми башарият оид ба ояндаи идоракунии фаъолияти кайҳонӣ - истифодаи баробари дастовардҳои технологияҳои кайҳонӣ барои рушди устувори ҷамъият баррасӣ гардидаанд.

Дар нишаст коршиносони зиёда аз 80 давлати ҷаҳон иштирок намудаанд.

Ҳаҷв

Занак, занаке

Занак, занаке, дар қади пастут ҷонум,
Дар хархашаву қаҳри башастут ҷонум.
Моҳонаи ҳармоҳа фидои ту кунам,
Дар лафзи дурушту гапи сахтут ҷонум.

***

Занак, занаке, нозу хуморат мара кушт,
Найрангу фиребу рангуборат мара кушт.
Моҳонаи ҳармоҳаи ман дар дастат,
Дар охири моҳ биёр, биёрут мара кушт.

***

Занак, занаке, ҳо, занаки зардина,
Кам-кам занакӣ, аксари сол мардина.
Моҳонаи аҳли хонадон дар дастат,
Ин мардаки лабкашол зи тақдир бина.

***

Хоҳӣ, ки ҳамеша чун ғуломат бошам,
Дар банди фиребу макру домат бошам,
Бе амри ту аз ҳавлӣ берун наравам,
Косашӯяки баъди таомат бошам.

***

Дар ҳар сари ҳафта меравӣ меҳмонӣ,
Айнаки сиёҳи ман ба чашм мемонӣ,
Тарсам, ки расад рӯзе, зардинаи ман,
Кӯлоҳи маро гирифта бар сар монӣ.

Рачаб САИДӢ

ДИРЕКТОРИ МАКТАБ ҲАМ БА АРТИШ РАФТ

Директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ҷамоати деҳоти ба номи Миралӣ Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ Раҳмоналӣ Рачабзода дар мавсими тирамоҳии даъвати ҷавонон ба сафи Артиши миллӣ шомил шудааст. Ҳоло ӯ дар қисми ҳарбии шаҳри Кӯлоб хизмати Ватан-Модарро адо менамояд.

Мавсуф соли 2018 мактаби номбурдаро хатм намуда, худи ҳамон сол ба факултети рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шудааст. Пас аз хатми донишгоҳ, ӯ муддате ба ҳайси рӯзноманигор фаъолият намуда, сипас ба пешаи омӯзгорӣ рӯ овардааст. Фаъолияти хуби корӣ, аз ҷумла дониши баланд, ташаббускорию навовариашро дида, роҳбарияти ноҳия ӯро ба вазифаи директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и зодгоҳаш таъйин намуданд.



Бо талошҳои Раҳмоналӣ Рачабзода дар мактаб баҳри беҳтар намудани сифати таълиму тарбия корҳои зиёде ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, дар байни хонандагон озмунҳои гуногуни эҷодию зеҳнӣ ташкил гардида, ғолибон ҳавасманд гардонида мешуданд. Ҳамин буд, ки сафи хонандагони фаъоли ин мактаб, ки натиҷаҳои хубро дар озмунҳои ноҳиявию вилоятӣ ноил мегаштанд, зиёд гардид.

«Дар мактаб ба шогирдон дарси ватандӯстӣ медиҳем. Пайваста мегӯем, ки дӯст доштани Ватан қарзи имонию виҷдонии ҳар ҷавонмард мебошад. Хостам дар амал собит созам, ки баҳри ҳифзи марзу буми Ватан ҳамеша омодаам ва он бароям арзиши муқаддас аст»,- иброз медорад Раҳмоналӣ.

Ӯ мегӯяд, ки «бо шогирдони худ баҳри иштирок дар озмунҳои зеҳнии ҷумҳуриявӣ нақшаҳои зиёд доштем, насиб бошад, пас аз адои хизмати ҳарбӣ ҳамаи онҳоро амалӣ месозем».

Ғолибият



Мирмуҳсин Мирдодоев:

ВАҚТЕ НОМАМРО БАРОИ ГИРИФТАНИ ШОҲҶОИЗА САДО КАРДАНД...

Мирмуҳсин Мирдодоев 16 сол дорад. Ӯ хонандаи синфи 10-уми Литсейи давлатии №1-и шаҳри Бохтар аст ва имсол барандаи Шоҳҷоиза ва соҳиби 70 ҳазор сомонӣ дар озмуни ҷумҳуриявии ""Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" шуд. Ин озмун бахшида ба 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров баргузор гардид.



Туҳфаи ғайричашмдошт

Шоҳҷоизаи озмуни ҷумҳуриявии ""Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат" барои Мирмуҳсин Мирдодоев туҳфаи ғайричашмдошт буд. Ӯ бовар надошт, ки барандаи Шоҳҷоиза мегардад. Ҳарчанд бо тайёрии ҷиддӣ барои ширкат дар озмуни мазкур ба шаҳри Душанбе омад.

"Бовар доштам, ки ҷойи якум ё дуюмро мегирам, хушбахтона Шоҳҷоизаро ба даст овардам. Дар 16 соли ҳаётам ин хел ҳаяҷонро эҳсос накарда будам. Вақте номамро барои гирифтани Шоҳҷоиза садо карданд, вуҷудамро ларза фаро гирифт. Феълан Шоҳҷоиза дар литсей нигоҳ дошта шудааст",- нақл мекунад Мирмуҳсин.

Аз боварии волидайн то қадрдонии омӯзгор

Падари Мирдодоев Мирмуҳсин айни ҳол дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор дорад, модараш бошад, хонашин аст. Ӯ хушҳол аз он аст, ки вақти пурқиммати худро сарфи мутолиаи китобу асарҳои бадеӣ карда, бо ба даст овардани Шоҳҷоиза миёни мардум шинохта ва соҳиби эҳтиром гардидааст.

То кунун пулеро, ки аз озмун дар ҳаҷми 70 ҳазор сомонӣ ба даст овард, сарф накарда, онро барои таҳсили ояндааш нигоҳ медорад.

"Ман дар чандин озмунҳои фаннӣ дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ иштирок кардаму ҷойи аввал насибам гашт. Вале ин Шоҳҷоиза хонаводаи маро зиёд хушҳол кард ва боварии онҳо ба таҳсилу дониши ман бештар шуд. Чунин озмунҳо дубора моро водор месозанд, ки бештар рӯ ба хондану эҷод кардан биёрем. Аллакай бовар карда истодаам, ки талошҳои хондани ман натиҷа дода истодааст",- гуфт Мирмуҳсин Мирдодоев.

Ӯ мақсад дорад, ки баъд аз хатми литсей дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идомаи таҳсил намояд.

Зиннатгул Шобалхиева, омӯзгори фанни таърих ва ҳамзамон роҳбари синфи Мирмуҳсин Мирдодоев мегӯяд, ки ҳангоми баромад кардани шогирдаш Мирмуҳсин дар утоқи дигар ҳузур дошт ва баромади ӯро мустақиман тамошо мекард. Ӯ мегӯяд, Мирмуҳсин ба 14 саволе, ки ба ӯ дода шуд, посухи дуруст гардонд.

"Барои соҳиб шудани Шоҳҷоизаи озмун зиёд талош кардем. Ҳар рӯз баъди дарс бо Мирмуҳсин кор мекардем. Китобҳои зиёдро мутолиа намудем, аз интернет маълумот ҷустуҷӯ кардем. Ин дастовардро на танҳо мо, балки тамоми намояндагони соҳаи маорифи вилояти Хатлон аст",- мегӯяд омӯзгор.

Ба гуфтаи Зиннатгул Шобалхиева, заҳматҳояш бе подош намонда, бо мукофоти пулӣ, аз ҷумла, аз номи Президент 10 ҳазор сомонӣ, аз номи раиси вилоят 5 ҳазор сомонӣ ва аз номи раиси шаҳри Бохтар 500 сомонӣ қадрдонӣ карда шудааст.

Амонҷон МУҲИДДИНОВ

Сироҷиддин Икромӣ:

ХИЗМАТРАСОНИИ БОСИФАТИ БОНКӢ ДАР МАДДИ АВВАЛ АСТ

Дар маркази шаҳри Хуҷанд бинои филиали рақами 23-и “Амонатбонк”, дар ноҳияи Зафаробод филиали рақами 28, дар ноҳияи Файзобод филиали рақами 16, дар ноҳияи Темурмалик филиали рақами 62-и бонк баъди таъмиру навсозӣ ба истифода дода шуданд. Дар биноҳои номбурда пас аз навсозӣ тамоми шароит барои фаъолият муҳайё карда шудааст.

Раиси “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ҳангоми ба истифода додани бинои нави филиалҳо таъкид намуд, ки баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ, риояи қатъии қоидаҳои одоби муошират бо мизоҷон, тарғиби ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва пешниҳоди бештари қарзҳо ба аҳолӣ дар мадди аввал бояд бошад.



ФИЛИАЛИ РАҚАМИ 23-И АМОНАТБОНК ДАР СУҒД

Дар маркази шаҳри Хуҷанд баъди таъмиру навсозӣ бинои филиали рақами 23-и КВД Бонки амонатгузории ҶТ “Амонатбонк” дар вилояти Суғд мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Дар маросими ба истифода додани бино раиси “Амонатбонк”, роҳбарияти бахши минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва намояндагони ташкилоти қарзию молиявии вилоят иштирок намуданд.

Таъкид гардид, ки бинои мазкур дар гузашта ба ҶСК “Агроинвестбонк” таалуқ дошт ва солҳои охир бо сабаби истифода нашудан куҳнаю фарсуда гардида буд. КВД Бонки амонатгузории ҶТ “Амонатбонк” иншоотро харидорӣ ва мутобиқ ба талаботу меъёрҳои замони имрӯз таъмиру навсозӣ намуд.

Корҳои таъмиру навсозӣ дар муҳлати кӯтоҳ бо сатҳу сифати баланд ичро гардид ва дар ин бинои хуштарҳу замонавӣ, ки аз се ошёна ва таҳхона иборат аст, аз ин пас хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити мусоид ба роҳ монда мешаванд.

Масоҳати бинои нави филиал бештар аз 3 ҳазор метри мурббаъ буда, дорои қариб 40 ҳуҷраи барҳавои корӣ, толори маҷлис бо 200 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои нигоҳдории ашёи қиматнок, анбор, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Зимни ифтитоҳи иншоот таъкид гардид, ки шароити мукаммал, аз ҷумла бунёд ва таъмиру навсозии биноҳои филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ, таъмини ҳуҷраҳои корӣ бо технологияи муосир ва дигар дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ дар раванди беҳтар шудани сатҳу сифати хизматрасонӣ нақши калидӣ дорад ва бо ин назардошт Ҳукумати мамлакат дар ин самт пайваста тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.

Амонатбонк, ки аз бонкҳои низомсози мамлакат ба ҳисоб меравад, дар вилояти Суғд нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзию молиявӣ ба нишондиҳандаҳои назарраси молиявӣ ноил гаштааст. Зиёд гардидани дорандогони кортҳои бонкӣ, пешниҳоди ҳарчи бештари қарзҳо, афзоиши пасандоз, интиқоли мабалағ ва тақвияти ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ далели ин гуфтаҳо мебошад.

Ҳоло дар филилали №23-и Амонатбонк дар вилояти Суғд 60 нафар мутахассисон кору фаъолият доранд, ки бештари онҳоро занону духтарон ташкил медиҳанд. Ҷиҳати ичрои дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳатарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи филиал ва марказҳои хизматрасонии Амонатбонк дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 390 нафар занонону духтарон бо ҷойи кор таъмин шудаанд, ки ин нишондиҳанда 55 фоизи шумораи умумии кормандонро ташкил медиҳад.



ФИЛИАЛИ РАҚАМИ 28-И АМОНАТБОНК ДАР ЗАФАРОБОД



Бинои замонавии филиали рақами 28-и Амонатбонк дар ноҳияи Зафаробод аз 2 ошёна иборат аст. Ҳамчунин, филиал дорои ҳуҷраҳои барҳавои корӣ, анбор, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Дар ин ҷо барои тақвияти хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳавӣ таъмин карда шудааст. Ин бино низ қаблан дар тавозуни ҶСК “Агроинвестбонк” қарор дошт. Амонатбонк баъди харидорӣ онро куллан таъмир намудааст.

Раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ҳангоми ба истифода додани бинои нави филиал таъкид намуд, ки баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, риояи қатъии қоидаҳои одоби муошират бо мизоҷон, тарғибу ташвиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои молиявӣ ва пешниҳоди бештари қарзҳо ба аҳолӣ, хусусан ба соҳибкорону кишоварзони ноҳияи Зафаробод бояд дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарону кормандони филиал ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ қарор дошта бошад.

ФИЛИАЛИ РАҚАМИ 16-И АМОНАТБОНК ДАР ФАЙЗОБОД

Бинои нави филиали рақами 16-и КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар ноҳияи Файзобод низ мутобиқ ба талаботи замони имрӯз навсозӣ карда шуда, дар ин ҷо барои зиёда аз 40 нафар корманд, ки аксарашонро бонувон ташкил медиҳанд, шароити муосири фаъолият муҳайё гардидааст.

Дар ифтитоҳи бинои нави филиали мазкур раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ ва раиси ноҳияи Файзобод Бобишо Холзода иштирок намуданд.

Бинои мазкур дар гузашта ба ҶСК “Агроинвестбонк” таалуқ дошт ва аз тарафи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” иншоот харидорӣ ва мутобиқ ба талаботу меъёрҳои соҳаи бонкдорӣ таъмиру навсозӣ карда шудааст.

Масоҳати бинои нави филиал 580 метри мурббаъ буда, дорои 10 ҳуҷраи барҳавои корӣ, толори маҷлис бо 50 ҷойи нишаст, ҳуҷраҳои нигоҳдории ашёи қиматнок, анбор, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.



ФИЛИАЛИ РАҚАМИ 62-И АМОНАТБОНК ДАР НОҲИЯИ ТЕМУРМАЛИК

Бинои нави филиали рақами 62-и Амонатбонк дар ноҳияи Темурмалик низ мутобиқ ба талаботи замони имрӯза навсозӣ карда шудааст. Дар ифтитоҳи бинои нави ин филиал раиси Раёсати КВД БА ҶТ “Амонатбонк” Сирочиддин Икромӣ ва роҳбарияти Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик ҳузур доштанд. Бинои мазкур дар гузашта ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксодиротбонк» таалуқ дошт ва аз тарафи КВД БА ҶТ “Амонатбонк” иншоот харидорӣ ва мутобиқ ба талаботу меъёрҳои соҳаи бонкдорӣ таъмиру навсозӣ карда шуд.

Бинои нави филиал 900 метри мураббаъ масоҳат дошта, дорои 8 ҳуҷраи корӣ, ҳуҷраи нигоҳдории ашёи қиматнок, анбор, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК АЗ АМОНАТБОНК

Амонатбонк бо мақсади рушди соҳибкории хурду миёна, ворид намудани техникаву таҷҳизот барои истехсолоти воридотивазкунанда, инчунин барои рушди соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат қарзҳои имтиёзнокро аз ҳисоби маблағҳои Бонки давлатии рушди Хитой бо доллари ИМА ва юани чинӣ пешниҳод менамояд.

ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БО ДОЛЛАРИ ИМА:
- **маблағи пешниҳоди қарз: аз 50 000 (бо доллари ИМА)**
- **муҳлати пешниҳоди қарз: то 60 моҳ**
- **меъёри фоизи солона: 8,5% (доллари ИМА)**

ҚАРЗҲОИ ИМТИЁЗНОК БО ЮАНИ ЧИНӢ:
- **маблағи пешниҳоди қарз: аз 400 000 (бо юани чинӣ)**
- **муҳлати пешниҳоди қарз: то 60 моҳ**
- **меъёри фоизи солона: 8% (юани чинӣ)**

Барои гирифтани қарз ба Раёсати “Амонатбонк” мурочиат намоед.

МАЪЛУМОТИ БЕШТАР: 1885



ЗАМ МЕШАВАДУ КАМ НЕ

Чанд мушкили иҷоранишин дар Душанбе

Моҳи декабр, баробари оғоз шудани зимистон барои сокинони пойтахт чанд мушкили нав пеш овард, вале иҷоранишинҳо дучанд дар ташвиш афтоданд. Зеро бештари соҳибхонаҳо аллакай ҳушдор додаанд, ки арзиши иҷораро боло мебаранд ва охири моҳ нархҳо тағйир меёбанд.

Иҷораи 1-хонагӣ 2500 сомонӣ!

Иҷоранишинон, махсусан донишҷуён, ки муҳтоҷи иҷораи хона ҳастанд, роҳи дигаре ҷуз розӣ шудан бо нархҳои гарони соҳибхонаҳоро надоранд. Азизҷон донишҷӯ буда, дар Душанбе дар манзили иҷора зиндагӣ мекунад. Ӯ ба пойтахт барои таҳсил аз ноҳияи дурдасти Шамсиддини Шоҳин омадааст. Ӯ бо ҳамроҳонаш дар иҷорахонаи якҳуҷрагӣ бар ивази 2000 сомонӣ зиндагӣ дорад. Азизҷон гуфт, соҳибхона аллакай ҳушдор додааст, ки охири моҳ 500 сомонии дигар ба болои пулашон зам карда супоранд ва онҳо бояд ё розӣ шаванд, ё иҷорахонаи нав пайдо кунанд.

Ӯ дар суҳбат изҳор дошт, ки иҷораашон дар биноҳои наздики Донишгоҳи омӯзгорӣ, дар хиёбони Рӯдакӣ ҷойгир аст. Дар зимистон боз ҳамон хонаҳоеро бояд ба иҷора гиранд, ки шароити зиндагӣ дар зимистонро дошта бошад.

“Ҳамин чиз барои соҳибони хонаҳо баҳонаи хубест. Чанд рӯз пеш зани соҳибхона омада гуфт, ки аз охири декабр пулро зиёдтар супорем. Гуфтем, ки барои чӣ бояд нарх гарон шавад? Ӯ бештар масраф шудани қувваи барқ ва низоми гармидиҳиро баҳона овард, ҳарчанд пули баркро мо алоҳида месупорем ва он ба пули иҷора дохил намешавад”, - гуфт ин донишҷӯ.

Қамариддин, ки дар маркази шаҳр 2 хонаашро ба иҷора дода, худаш ҳоло дар ҳавлии падарӣ зиндагӣ дорад, зимни суҳбат гуфт, бо шурӯи фасли хунукӣ талабот ба манзилҳои иҷора афзоиш ёфта, иҷорапулӣ низ нисбат ба як моҳи пеш боло меравад. Ба баёни ӯ, арзиши манзили 1-хонагии иҷора, ки бо тамоми васоил муҷаҳҳаз аст, вобаста ба макони ҷойгиршавиаш аз 200 доллар шуруъ мешавад.

“Азбаски дар зимистон муҳоҷирон дар Русия кор наёфта, бармегарданд ва ҳам бештари сокинони ҳавлиҳо кӯшиш мекунанд хунукиҳоро дар хонаҳои баландошёнаи гарм гузаронанд, нарх боло меравад. Ба ғайр аз ин, хароҷот ҳам меафзояд, зеро истифодаи таҷҳизоти барқӣ афзоиш ёфта, маблағи барқ ду баробар зиёд мешавад. Барои оби гарм ҳам пул пардохт кардан даркору таҷҳизоти гармидиҳандаро бояд таъмир кунем”,- мегӯяд ӯ.

Омина ва мушкили ӯ

Ҳамсуҳбати дигарамон Омина бо як фарзанд дар пойтахт зиндагӣ мекунад. Ӯ дар ошхонае пешхизмат аст ва моҳона то 1500 сомонӣ кор мекунад. Омина дар суҳбат ба мо гуфт, ки аксари соҳибхонаҳо донишҷӯдухтар ё занҳои танҳои иҷорашин мечӯянд. Ин иддаои ӯро эълонҳои иҷора дар сомонаҳои интернетӣ тасдиқ мекунанд.

“Ман бо як фарзандам аз шавҳар ҷудо шудам. Азбаски дар қишлоқ ягон кор набуд ва худам маълумоти олӣ ё касбӣ надорам, маҷбур ба шаҳр омадам. Духтарчаамро ҳам бо худам овардам. Хеле азоб кашидем дар иҷоракобӣ. Як ҳафта пеш хонаро ёфтам. Соҳибхона дар аввал гуфт, ки зани кӯдакдорро қабул намекунад. Вале ваъда додам, ки ӯро ҳар рӯз ҳамроҳи худам ба кор мебараму духтарчаам ба ягон ҷойи хона кордор нахоҳад шуд ва қабул кард. Акнун ӯ субҳ то шом дар ошхона телефонбозӣ мекунаду ман пешхизматӣ”,- гуфт ӯ.

Омина қисса кард, ки дар наздикии бозори “Деҳқон” бар ивази 400 сомонӣ иҷора менишаст, аммо соҳиби хона фарзандашро оиладор карду ҳафтае қабл онҳоро ҷавоб доданд. Баъди ин, Нилуфар дар интернет ба ҷустуҷӯи хонаи иҷораи дигар шуруъ кард. Дар ин раванд бо чанд соҳибхона вохӯрда, шароитро дидааст. Дар баъзе аз онҳо зимистонро гузаронида намешавад.

“Ба чанд хона рафтам. Рости гап, шароит надоштанд, вале нархи қиммат мегуфтанд. Баҳона мекарданд, ки аз пеш зимистон аст ва пули барқ зиёдтар мешавад, аммо ман рӯзи дароз дар корам ва истироҳат надорам. Фикр намекунам баркро он қадар зиёд масраф кунам”,- мегӯяд ӯ.

Самеъулло, иҷорашини дигари пойтахт сабаби тез-тез боло рафтани нархи иҷораро дар набастани шартнома мебинад. Ӯ гуфт, ки вақте иҷорахонаашро гирифт, бо соҳибхона барои як сол ба таври хаттӣ қарордод бастанд. Дар қарордод, ки як нусхааш дар дасти ӯст, арзиши иҷорапулӣ, ҳудуди он ва дигар шартҳо навишта шудаанд ва соҳибхона ҳуқуқ надорад, ки то замони анҷоми шартнома нархи онро боло барад.

“Бисёре аз иҷорашинҳо мутаассифона ин масъаларо намедонанд. Танҳо даҳонӣ шартнома мекунанд, ки муҳтавои он танҳо аз маблағи ҳақи иҷора иборат аст. Баъд соҳибхона чӣ хеле хоҳад, ҳамон хел нархро мемонад. Иҷорашин ягон илоҷ надорад, чунки агар розӣ нашавад, хонаро холӣ мекунад. Барои ҳамин, тавсия медиҳам, ки ҳатман шартномаи хаттӣ имзо кунанд”,- гуфт ӯ.

Интизорӣ аз Паём

Сокинон мегӯянд, ҳоло боз қарор аст аз 1-уми январ нархи истифодаи нерӯи барқ 16 дарсад боло равад, ки ин ҳам ба ҷайби онҳо таъсири калон мерасонад.

Дар асоси қарори Ҳукумати кишвар, ки 29-уми ноябр қабул шуд, аҳолӣ барои ҳар киловат соат нерӯи барқ 30,75 дирам пардохт хоҳанд кард. То ин вақт сокинон барои ҳар киловат тақрибан 27 дирам (26,51 дирам) медоданд. Нархи истифодаи барқ қариб ҳар сол боло бурда мешавад ва ин вазъ сабаби нигаронии сокинон шудааст.

Дар Тоҷикистон, ки маоши бештари кормандон аз 800 то 1200 сомонист, чунин нархҳо миёншикан маҳсуб меёбанд, зеро болоравии нархи хӯрокворӣ ва маводи сӯхту барқ болои сӯхта намакоб аст.

Умедвории асосии бештари шаҳрвандон ин аст, ки Президенти кишвар дар Паёми навбатии худ рӯзи 28-уми декабр эҳтимол маоши ҳадди ақалу нафақаро андаке болотар бардоранд.

Мирсаид САТТОРИЁН,
рӯзноманигор

ҲОСИЛ ХУБУ НАРХ ГАРОН. ЧАРО?

Дар Тоҷикистон бинобар далели камчинӣ дар соли гузашта, қимати биринҷ гарон шудааст. Аммо имсол, ба гуфти мақомот, ҳосил хуб шуд, вале нарх ҳамоно дандоншикан аст.

Дар вилояти Суғд шоликорон соли ҷорӣ ба ҳолати аввали моҳи декабр беш аз 56,5 ҳазор тонна ҳосили шолӣ ба даст овардаанд. Сардори Раёсати саноат, кишоварзӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони Сарраёсати агентии омор дар вилояти Суғд Фаррух Қайюмов гуфт, ки ҳаҷми ҳосили ҷамъшуда дар муқоиса ба соли қаблӣ бештар аст.

“Соли ҷорӣ дар майдони 8605 га кишти шолӣ сурат гирифта буд, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 675 га кам гуфта мешуд, вале бо ин вуҷуд ҳаҷми ҳосили рӯёнидашуда беш аз 56560 тоннаро ташкил намуд, ки дар қиёс бо соли гузашта зиёд асту кам не”,- гуфт Қайюмов.

Ба иттилои манбаъ, тирамоҳи соли гузашта бар асари боришоти пайдарпай шолизорҳои Суғд зери об монд ва аз ин ҳисоб гирифтани ҳосил барои кишоварзон душвор гардид. Адами чунин вазъ нархи биринҷ ҳам дар бозорҳои Тоҷикистон ба 14 - 16 сомонӣ баланд шуд.

Шоликорон мегӯянд, ки хушбахтона, имсол вазъи иқлим барои кори онҳо мусоид буд ва аз ин ҳисоб ҳосили биринҷро бидуни талафот ба даст оварданд.

Аюб Бобокалон, яке аз шолипарварон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров таъкид кард, ки аз ҳар як га замини кишт ба ҳисоби миёна то 60-сентнерӣ ҳосил ба даст овардаанд. “Шукр, ки имсол кору заҳмати мо талаф нашуд ва то фарорасии сармо ҳосилро ғунучин намудем”,- таъкид кард шоликор.

Дар вилояти Суғд кишти шолӣ асосан дар навоҳии Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Ашт ва шаҳрҳои Конибодом, Исфараву Панҷакент сурат мегирад.

Бино ба мушоҳидаҳо, ҳоло арзиши биринҷ дар бозорҳои Суғд 14 - 15 сомонӣ аст ва ин рақам дар муқоиса ба соли гузашта, замони камбуди биринҷ ҳам ба таври қобили мулоҳиза арзон нашудааст.

Шоликорон сабаби баландшавии нархи биринҷро ба афзоиши харочоти парвариши он марбут медонанд. Онҳо мегӯянд, ки солҳои охир қимати маводи сӯхт ва хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ баланд шуд ва табиист, ки ин ҳама таъсири худро ба кори онҳо ва ба арзиши маҳсулоти истеҳсолшаванда мерасонад.

ҶАҲИШИ НАРХ ДАР ХУҶАНД

Соли нав омаду харидор нигарон!



Ананас ва мандарин - ду намуди мевае, ки давоми сол танҳо дар моҳи декабр, арафаи Соли нав харидоронашон зиёд мешаванд. Аммо арзиши онҳо имрӯз дар бозор ба таври рекордӣ боло рафтааст. Донаи ананас 65 сомонӣ ва як кило мандарин 10-15 сомонӣ арзиш дорад, ки бештари сокинон аз ин ҳолат изҳори нигаронӣ мекунанд.

Ду баробар қиммат

Хабарнигори “Тоҷикистон” дар вилояти Суғд бо мақсади огоҳӣ ёфтан аз нарх дар арафаи Соли нав ва суҳбат бо фурӯшандагону харидорон ба бозори “Панҷшанбе”-и шаҳри Хуҷанд рафт. Чанде аз фурӯшандагон сабаби якбора гарон шудани ананасу мандарин ва дигар намуди меваро ба кам воридот шудан вобаста карданд. Бино ба гуфтаи онҳо, соле қабл ананас ҳамагӣ 30-35 сомонӣ ва мандарин 6-8 сомонӣ арзиш дошт. Ҳоло, бинобар кам шудани воридот аз Ҷумҳурии ҳамсояи Ӯзбекистон нарх қариб ду баробар боло рафтааст.



ФУРӮШАНДА: Ҳосил зиёд шавад, арзонӣ - кам шавад, қимматӣ…

Кибриё Бобоҷонова беш аз 20 сол мешавад, ки дар бозори марказии Панҷшанбе ба фурӯшандагӣ машғул аст. Вай мегӯяд, ки соли равон на танҳо арзиши ананас, балки дигар тармеваҳо низ ба таври рекордӣ боло рафт. Сабаб сармо задани ҳосили тармеваҳо аст. Масалан, арзиши ангур аз 5-6 сомонии соли гузашта ҳоло то ба 30 сомонӣ расидааст. Хурмо бошад, аз 3 сомонии соли қаблӣ ҳоло 15 сомонӣ арзиш дорад. Имсол аз сармову хунукзанӣ асосан ин ду намуди тармева камчину гаронарзиш гардид. Болоравии нархи тармеваҳо дар бозор ҳамасола ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолатро бахусус дар арафаи Соли нави мелодӣ, ки харидорон нисбатан зиёд мегарданд, мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо ин гароншавӣ дар арафаи Соли нави имсола то ҷое мардумро низ нигарон кардааст.

Харидор дар ҳайрат аст



Хайринисо Бобоҷонова нафақагири 72-сола аст. Вай сокини ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мебошад. Имрӯз барои харидории сабзавоту дигар маҳсулоти зарурии рӯзгор ба бозор омадааст. Аммо қимматии маҳсулоту нарху навои имрӯзаро дида, дар ҳайрат мондааст. Зимни суҳбат холаи Хайринисо ба мо гуфт, ки дар як моҳ ҳамагӣ 380 сомонӣ нафақа мегирад. Вай гуфт, ин миқдор маблағ барои рӯзгор бе харидани тармеваҳои гаронарзиш ҳам, то моҳи дигар кифоягӣ намекунад. Зеро вай 7 моҳи охир ба нигоҳубини шавҳари бемораш машғул буда, барои табобати ӯ низ бояд қисме аз нафақаи худро ҷудо кунад. Ин нафақагир мегӯяд, ки дар арафаи Соли нав боло бурдани арзиши маҳсулот, бахусус тармева аз рӯйи инсоф нест. Зеро кӯдакону наврасон ин намуди мевагиҳои тропикиро дӯст медоранду соле як маротиба барои харидории онҳо интизорӣ мекашанд.

Фарзона ШАМСИЕВА

СОЛИ 2024 ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОНРО ЧӢ ИНТИЗОР АСТ?

Бонки авруосиёии рушд дурнамои рушди кишварҳои Осиёи Миёна ва дигар давлатҳои узв дар соли 2024 - аз сатҳи таваррум то ММД ва қурби асъорро пешгӯӣ кард.

- Таваррум дар Тоҷикистон дар авохири соли 2023 ба дарели фаъолияти баланди истеъмолӣ ва болоравии қимати маводи сӯхт то 6% афзоиш хоҳад ёфт,- пешгӯӣ кардааст БАОР.

Ба иттилои таҳлилгарони ин бонк, рушди иқтисоди минтақа соли 2024 ҳудуди 2%-ро ташкил хоҳад дод.

Дар аксари мавридҳо, ин нишондод ба бозгашти иқтисодиёти Русия ва Беларус ба мачрои рушд пас аз суръати баланди барқароршавӣ дар соли 2023 рабт дода мешавад.


Нишондоди рушди иқтисод дар Тоҷикистон то 7,3%, дар Арманистон то 5,7% ва дар Беларус то 2% дар назар аст.

Дар Қазоқистон суръати афзоиши ММД бо сиёсати ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дастгирӣ ёфта, 5%-ро ташкил медиҳад ва афзоиши истеҳсоли металлҳои асосӣ дар Қирғизистон боиси афзоиши ММД дар сатҳи 4,5% мегардад.

Дар ҳоле ки таваррум дар минтақаи амалиёти БАОР пас аз 7,8% дар соли 2023 тақрибан 5,8% хоҳад буд.

Таъкид мешавад, ки дар соли 2023 ин нишондод аз 13,1%-и соли 2022 ба 7,8% коҳиш ёфтааст. Ин ба сабаби идомаи сиёсати қатъии пулию қарзӣ аз ҷониби бонкҳои марказӣ амалӣ мешавад.





ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

«ЭСХАТА» БОРИ АВВАЛ ҶОИЗАИ ЛИГАИ ОЛИРО СОҲИБ ШУД



Дастаи футболи «Эсхата»-и шаҳри Хуҷанд дар бозии мавқуфмондаи Лигаи олии футболи кишвар бар дастаи «Равшан»-и Кӯлоб бо натиҷаи 1:0 пирӯз шуд.

Ин натиҷа ба дастаи «Эсхата» имкон дод, ки соҳиби ҷойи сеюми ҷадвали чемпионат ва нишони биринҷии мавсим гардад. Голи ягонаро дар ин бозӣ Рихсибоев дар дақиқаи 47-ум зад. Ин маротибаи аввал аст, ки дастаи «Эсхата» дар Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон соҳиби ҷой ва нишон мегардад. Барои ҷойи сеюм дар ин мавсим дастаи «Кӯктош» аз ноҳияи Рӯдакӣ низ талабгор буд, аммо бо ҷойи чорум қаноат кард.

Дастаи «Равшан» то ин бозӣ ҷойи дуюмро барои худ таъмин карда буд. Ҷойи аввалро дастаи «Истиқлол»-и Душанбе соҳиб шуд. Дастаи «Файзканд»-и Восеъ дар зинаи панҷуми гурӯҳи «А» мавқеъ гирифт.

ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲОИ АВРУПО

ҚУРЪАКАШИИ МАРҲИЛАИ ПЛЕЙ-ОФФ ҲАРИФОНРО МАЪЛУМ КАРД

18-уми декабр дар шаҳри Нйони Суис маросими қуръакашии марҳилаи плей-оффи Лигаи футболи чемпионҳои Аврупо баргузор шуд. Дар ин марҳила вохӯриҳои байни дастаҳои як кишвар, инчунин байни бошгоҳҳое, ки дар як гурӯҳ бозӣ кардаанд, истисно карда мешаванд.



Дар қуръакашӣ 16 дастае, ки дар гурӯҳҳои худ ду ҷойи аввалро гирифтанд, ширкат карданд. Қуръакашӣ маълум кард, ки «Арсенал» бо «Порту», «Наполи» бо «Барселона», «Интер» бо «Атлетико Мадрид», «ПСЖ» бо «Реал Сосйедад», «ПСВ» бо «Боруссия Дортмунд», «Лейптсиг» бо «Реал Мадрид», «Латсио» бо «Байерн», «Копенҳаген» бо «Манчестер Сити» бозӣ мекунанд.

Бозиҳои аввали марҳилаи 1/8-ниҳоӣ рӯзҳои 13-14 ва 20-21-уми феврали соли 2024 баргузор мешаванд. Бозиҳои ҷавобӣ рӯзҳои 5-6 ва 12-13-уми март баргузор мешаванд.

Дар даври ниҳоии Лигаи чемпионҳо дар мавсими 2022/23 дастаҳои «Интер»-и шаҳри Милан ва «Манчестер Сити»-и шаҳри Манчестер вохӯрда буданд. Дасти дуюм, ки шогирдони Пеп Гвардиолаанд, дар ин бозӣ бо ҳисоби 1:0 пирӯз шуданд. Голи ягонаро дар дақиқаи 68-ум нимҳимоятгар Родри ба самар расонд ва “шаҳриҳо” бори аввал дар таърихи худ ғолиби Лигаи чемпионҳо шуданд.

ФФТ

КУМИТАИ ИҶРОИЯ НАҚШАҲОИ МАВСИМИ ОЯНДАРО ТАСДИҚ КАРД

Ҷаласаи Кумитаи иҷроияи Федератсияи футболи Тоҷикистон нақшаҳои мавсими навбатии футбол дар кишварро тасдиқ кард ва мусобиқаҳое, ки соли оянда таҳти сарпарастии Лигаи футболи Тоҷикистон доир мешаванд, баррасиву тасдиқ гардиданд.

Мавсими 33-юми Чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи олӣ 30-юми март оғоз шуда, мисли ду соли охир дар ду марҳила баргузор мешавад. Дар қисми аввал даҳ даста дар ду давра бозӣ мекунанд. Баъдан дастаҳо дар марҳилаи дуюм ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар умум, ҳар даста дар чемпионат 22 вохӯрӣ мегузаронад.

Бозӣ барои Суперҷоми Тоҷикистон-2024 миёни дастаи чемпиони кишвар - «Истиқлол»-и Душанбе ва барандаи медали нуқраи Лигаи олӣ - «Равшан»-и Кӯлоб 11-уми май дар варзишгоҳи «ТАЛКО Арена»-и шаҳри Турсунзода баргузор мешавад. Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан макони баргузории бозии ниҳоии Ҷоми Тоҷикистон-2024 тасдиқ шуд.

Маҳдудият барои бозигарони хориҷӣ дар чемпионати Тоҷикистон бетағйир боқӣ мемонад. Соли оянда ҳар дастаи Лигаи олӣ метавонад то ҳафт бозигари хориҷиро ба ҳайати худ шомил кунад, вале бозӣ кардани то панҷ легионер дар як вақт дар майдон иҷозат дода мешавад.

Мавсими навбатии чемпионати футболи Тоҷикистон байни дастаҳои Лигаи якум 19-уми апрел оғоз шуда, дар ду давра баргузор мешавад.

ФФТ

ҒОЛИБОНИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН МАЪЛУМ ШУДАНД

Дар Душанбе Чемпионати бокси Тоҷикистон баргузор шуд, ки ғолибони ин чемпионат дастаи мунтахаби Тоҷикистонро таъсис дода, дар мусобиқаҳои интихобии олимпӣ, ки нимаи аввали соли 2024 ба нақша гирифта шудаанд, иштирок хоҳанд кард.

Федератсияи бокси Тоҷикистон ба ғолибону ҷоизадорон дар баробари медал ҷоизапулӣ низ туҳфа кард. Аз ҷумла, ба барандагони медали тилло 5000 сомонӣ, нуқра 3000 ва ба барандагони медали биринҷӣ 1000 сомонӣ тақдим шуд.

Дар мусобиқа, ки байни занону мардон доир шуд, 175 муштзан иштирок карданд, ки занон 57 нафар буданд.

Дар он байни занон Сумайя Қосимова (вазни -48 кг), Руҳафзо Ҳақназарова (-51 кг), Рухсора Қурбонова (-52 кг), Фариза Ёқубова (-54 кг), Дилдода Асақолова (-57 кг), Дилноза Нуримова (-60 кг), Мавзунаи Аҳмадҷон (-63 кг), Малика Нозимова (-66 кг), Мавлуда Одинаева (-70 кг), Дилрабо Холмуродова (-75 кг), Гуларус Шоева (-81 кг), Фарзона Каримова (+81 кг) ҷойҳои ифтихориро соҳиб шуданд.

Мехроҷиддин Баротов (-48 кг), Мехрон Шафиев (-51 кг), Мехроҷ Зоҳидов (-54 кг), Асрор Воҳидов (-57 кг), Абубакр Муродзода (-60 кг), Баҳодур Усмонов (-63,5 кг) муштзанҳое буданд, ки дар байни мардон унвони чемпиони Тоҷикистон дар соли 2023-ро сазовор шуданд.

Ҳамчунин Саидикром Амонов (-67 кг), Шаҳобхон Шукуров (-71 кг), Мирзомуҳаммади Бахтиёр (-75 кг), Шаббос Негматуллоев (-80 кг), Парвиз Каримов (-86 кг), Баҳман Расулов (-92 кг), Муҳаммад Аброриддинов (+92 кг) байни мардҳо ба дарёфти унвони чемпиони Тоҷикистон дар соли 2023 даст ёфтанд.

Давлат Болтаев (-92 кг) ва Мичгона Самадова (-57 кг) дар Бозиҳои Осиё роҳҳати Бозиҳои олимпии Порис-2024-ро ба даст оварданд.



РЕЗААХБОР

Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) тасдиқ кард, ки Ҷоми ҷаҳонии бошгоҳҳо аз 15-уми июн то 13-уми июли соли 2025 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико баргузор мешавад. Ширкати дастаҳои «Манчестер Сити», «Реал Мадрид» ва «Челси» тавассути Лигаи Чемпионҳо, «Байерн», «ПСЖ», «Интер», «Бенфика» ва «Порту» тавассути рейтинг тасдиқ шудааст. Ба зудӣ чор дастаи дигар маълум хоҳанд шуд.

***

Дастпарварони Клуби варзишии «Ҳоҷӣ Шариф» аз Тоҷикистон дар мусобиқаи ҷудо, ки 21-уми декабр байни 17 клуби бехтарини Аврупо ва Осиё дар Қазоқистон баргузор мешавад, ширкат мекунанд. Инҳо Муллораҷаб Халифаев (-66 кг), Абубакр Шеров, Маҳмадшариф Нақмидинов (ҳарду -73 кг), Қурбон Кудиев (-81 кг), Умедҷон Раҷабов (-90 кг) ва Раҳмон Мансур (+100 кг) ҳастанд.

***



Дар шаҳри Шорҷа мусобиқаи "Ҷоми Иморот" дар намуди камонварӣ баргузор шуд. Ду бонуи камонвари тоҷик - Самия Одинаева ва Омина Неъматова дар ин рақобатҳо иштирок карданд. Самия дар байни духтарони то 12-сола сазовори медали нуқра ва Омина дар масофаи 70 метр байни бузургсолон барандаи медали биринҷӣ шуданд.

***

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 дар Дубай қарор дорад. Дар ҳоли ҳозир сармураббӣ Петер Шегрт 22 бозигарро дар ихтиёр дорад. Ба зудӣ ҳимоятгар Манучеҳр Сафаров («Нефтчӣ», Ӯзбекистон), нимҳимоятгарон Парвизҷон Умарбоев (ССКА-1948, Булғористон) ва Комрон Турсунов («Гокулам Керала», Ҳиндустон), нимҳимоятгари «Кедах»-и Малайзия Амирбек Ҷӯрабоев ва ҳимоятгари «Персеполис»-и Эрон Ваҳдат Ҳанонов ба тими миллӣ мепайванданд.

БОЗДОШТИ НОБОЛИҒ БО ГУМОНИ ДУЗДӢ

Зимни баргузор намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия ноболиғи 17-солаи сокини шаҳри Хуҷанд бо гумони содир намудани ҷинояти дуздӣ дастгир карда шуд.

Гумонбаршаванда 11-уми декабри соли 2023, соати 02:40 дақиқа бо роҳи пинҳонӣ ба ҳуҷраи кории Боғи фарҳангию фароғатии «Наврӯзгоҳ», ки ба марди 29-солаи сокини шаҳри Хуҷанд тааллуқ дорад, ворид шуда, аз дохили сандуқи оҳанин, ки дар ҳолати кушода қарор дошт, 5 ҳазор сомониро дуздидааст.

Нисбати гумонбаршаванда парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 244, қисми 2-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шуда, тафтишот идома дорад.

ДАР БОЗОРИ “САХОВАТ” ОШХОНА СӮХТ Ё ДӮКОН?



Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе 18-уми декабри соли 2023 дар шарҳи хабари сӯхтор дар як ошхона дар канори бозори “Саховат” хабар дод, ки шаби 17-уми декабри соли 2023, тахминан соати 01:24 дақиқа ошхона не, балки дар дӯкони “тезтайёр” (фастфуд), воқеъ дар кӯчаи А. Фирдавсӣ сӯхтор ба амал омад.

Ин дӯкон ба шаҳрванд Мӯсоев Бобохон Қурбонхонович, санаи таваллудаш 1956, сокини шаҳри Кӯлоб тааллуқ доштааст.

Сӯхтор дар масоҳати 10 метри мураббаъ паҳн шудааст. Сӯхторнишонҳо дарҳол ба ҷойи ҳодиса ҳозир гардида, сӯхторро дар ҳамон масоҳати аввалааш пурра хомӯш кардаанд.



ТАҲҚИРИ МИЛИТСИЯ

Ё боздошти ронандаи тоҷики таксӣ дар Русия



Баъди муноқишаи таксирон бо пулис дар бозори «Садовод»-и Русия як зодаи Тоҷикистон ба СИЗО фиристода шуд.

Суди ноҳияи Люблинои шаҳри Маскав рӯзи 16-уми декабри соли 2023 шаҳрванди 21-солаи Тоҷикистон Юсупов Сухроб Хурсандовичро, ки дар пайи муноқишааш бо пулис дар бозори “Садовод” бар асоси ду моддаи Кодекси ҷиноятии Русия: моддаи 318 (зӯроварӣ нисбат ба намояндаи ҳокимият) ва моддаи 319 (таҳқири намояндаи ҳокимият дар мазҳари ом) айбдор мешавад, ба ҳабси пешакӣ гирифт.

Шоми 15-уми декабри соли 2023, тахминан соати 18, корманди пулис мошини Сухроб Юсуповро барои тафтиши ҳуҷҷатҳояш манъ кардааст. Вале ронанда кӯшиши фирор карда, мошинашро болои корманди пулис ронда, ӯро дар рӯи капоти мошинаш чанд метр кашонидааст.

Аммо шоҳидони ҳодиса, ки гурӯҳи муҳофизон будаанд, мегӯянд, пулис бо як шеваи бераҳмона ронандаро дастгир карда, ба баданаш электрошокер зад ва азбаски Сухроб Юсупов бемории саръ (эпилепсия) доштааст, аз зарбаи нерӯи барқ ин бемориаш авҷ гирифта, аз ҳуш рафтааст.

Ба гуфтаи муҳофизон, маҳз чунин бархӯрди бераҳмонаи пулис нисбат ба як ронандаи бемор сабаб шуд, ки онҳо ба ҳимоят аз ӯ ҷамъ шудаанд. Вобаста ба ин ҳодиса нисбати 82 нафар протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

СОЛИМ, АММО ТАЛБАНДА

Рейди милитсия дар пойтахт идома дорад

Мақомоти милитсияи пойтахт бо мақсади ошкор ва муайяну ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани афроди ҷисман солиме, ки бо роҳи фиреб зоҳиран худро маъюбу дардманд вонамуд сохта, дар роҳҳои нақлиётгард ва кӯчаву хиёбонҳои пойтахт ба талбандагӣ машғуланд, рейд гузаронидаанд.



Аз ҷумла, зимни баргузории санҷиши навбатӣ аз ҷониби кормандони милитсия шаҳрванд Наскова Сафина Маъруфовна, санаи таваллудаш 11.12.2005, сокини шаҳри Ваҳдат, деҳаи Тундара ҳангоми дар байни роҳи мошингард ба талбандагӣ машғул будан бездошт карда шуд.

Зимни санҷиш муайян карда шуд, ки дар асл тану бозуи солим дошта, мақсадаш танҳо ба даст овардани маблағ мебошад.

МУНОҚИШАИ ХУНИН ДАР ДУШАНБЕ



Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон хабар дод, ки дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия ҷавони 19-солаи сокини ноҳияи Вахш бо гумони қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дастгир карда шуд.

ВКД дар шарҳи сабаби бездошти ин сокини Вахш гуфт: “Номбурда 10-уми ноябри соли 2023, тахминан соати 17:05 дақиқа ҳамроҳи бародараш, ҷавони 21-сола ва тағояш, марди 32-солаи сокинони шаҳри Душанбеву ноҳияи Вахш ҳангоми дар кӯчаи А. Ҷомии шаҳри Душанбе қарор доштанашон аз ҳиссиёти авбошӣ бо ҷавони 20-солаи сокини ноҳияи Вахш муноқиша намуда, ӯро мавриди латукӯб қарор додаанд. Гумонбаршаванда бо мақсади қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ аз ҷайбаш корди худро бароварда, ба шиками ҷабрдида 1 маротиба зарба задааст, ки дар натиҷа ба саломатиаш ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардоштааст”.

Ба авбош аз 2 то 8 соли зиндон таҳдид мекунад.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН



МУСОДИРАИ 240 000 “ХЛОПУШКА”

Маркази матбуоти ВКД Тоҷикистон аз боздошти 4 нафар, аз ҷумла 3 ноболиғ бо иттиҳоми муомилоти ғайриқонунии маводи тарфгарӣ ё пиротехникӣ ва аз онҳо мусодира шудани беш аз 240 ҳазор дона “хлопушка” хабар дод.

Аз ҷумла, бино ба иттилои ВКД, 12-уми декабри соли 2023 аз марди 32-солаи сокини ноҳияи Б. Ғафуров 237 ҳазору 600 дона маводи ҳархелаи тарфгарӣ дарёфт ва мусодира карда шудааст.

Инчунин, аз ду ноболиғи 16-солаи сокини шаҳри Душанбе ҳангоми кофтукови шахсӣ 20 қуттӣ маводи тарфгарии тамғаи «Трения» ва аз ноболиғи 16-солаи сокини шаҳри Душанбе 100 адад қуттиҳои маводи тарфгарии «Трения», ки дар умум 4 ҳазору 500 донаро ташкил медиҳанд, дарёфт ва мусодира карда шудааст.

ДАР ВАҲДАТ ЗАНРО КОРД ЗАДАНД

Ба ШВКД дар шаҳри Ваҳдат бо ариза зани 36-солаи сокини шаҳри мазкур муроҷиат намуд.

Шаби 13-уми декабри соли 2023, тахминан соати 22:30 дақиқа марди 29-солаи сокини ҳамин шаҳр дар манзили истиқоматиаш бе ягон асос бо ӯ муноқиша намудааст. Баъдан, бо корд як маротиба ба қисмати шикамаш задааст.

Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳати ҷисмонӣ бардошта, дар беморхона бистарӣ гардидааст.

ДУЗДИИ “АЙФОН -Х” АЗ ОШХОНА

Ба ШВКД дар ноҳияи И. Сомонӣ аризаи ҷавони 20-солаи сокини ноҳияи Данғара ворид гардид.

Гуфта мешавад, ки 28-уми ноябри соли 2023, шабона шахсони номаълум бо роҳи пинҳонӣ ба ошхонаи «Сомониён» ворид шуда, аз дохили хазина 2500 сомонӣ ва 1 адад телефони мобилии тамғаи «Айфон-Х»-ро дуздида, аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд.

Аз ҷониби кормандони милитсия ноболиғи 17-солаи сокини шаҳри Ҳисор бо гумони содир намудани ҷинояти дуздӣ дастгир карда шудааст.



6 БЕМОРИИ ЗИМИСТОНА

Имрӯз дар бораи 6 бемории маъмулии зимистона ва роҳҳои пешгириашон маълумот медиҳем.

1. Зуком

Дар рӯйхати бемориҳои зимистона зуком дар ҷойи аввал меистад. Дар айёми сармо гирифтор шудан ба ин беморӣ мисли ду карат ду осон аст, чунки ин вирус бо роҳи қатрагӣ-ҳавоӣ мегузарад ва як одами бемор метавонад чандин нафари дигарро ба зуком мубтало гардонад. Яке зукомро осон мегузаронад, вале дигарӣ баъди як ҳафтаи беморӣ низ ба пуррагӣ ба худ намеояд. Бадии кор дар он аст, ки зуком қариб ба тамоми узвҳои инсон таъсир мерасонад ва таби баланд, дарди сар, дарди гулӯ ва табларза беморро азият медиҳад. Дар баъзе ҳолатҳо зуком ҳатто боиси дарунравӣ ва қайкунӣ низ мегардад. Дар сурати ба ин шакли зуком гирифтор шудан якбора аз чанд дард азият кашидан мумкин аст. Аз ин рӯ, ба умеди мураббочой ва лимӯ нашуда, зуд ба духтур мурочиат намоед.

2. ОРВИ ва фарқи он аз зуком

Фарқияти зуком аз ОРВИ (острая респираторная вирусная инфекция) дар он аст, ки грипп якбора сар мешавад, вале ОРВИ бо хастагии зиёд ва бемадорӣ оҳиста-оҳиста аз худ дарак дода, ҳоли мариз торафт бад шудан мегирад. Азбаски барангезандаҳои ОРВИ хеле зиёданд, шакли беморӣ ва роҳҳои табобати он низ аз ҳам фарқ мекунад. Зукомро бо давоҳои халқӣ низ табобат карда мешавад, агар чандон сахт набошад, вале мустақилона табобат намудани ОРВИ имкон надорад, зеро духтур бояд маҳз аз кадом вирус сироят ёфтани беморро аниқ карда, мувофиқи он табобат фармояд. Вирусҳое, ки боиси сар задани ин беморӣ мегарданд, бештар ба пардаҳои луобии роҳҳои нафас, гӯш, бинӣ ва гулӯ осеб мерасонанд, аз ҳамин сабаб бинӣ маҳкам шуда, бемор аз сулфа ва дарди сахти гулӯ азият мекашад.

3. Ангина

Маъмулан ангина бо дарди гулӯ сар шуда, баъдан таби мариз баланд мегардад ва беҳолу бемадор шуда, ҳатто вақти фурӯ бурдани луқма гулӯяш дард мекунад. Азбаски ин беморӣ дар аксари ҳолатҳо сабук мегузарад, бисёриҳо онро як касалии назарногир ҳисоб карда, чандон аҳамият намедиҳанд, ки ин хатои маҳз аст. Дар сурати аслан табобат накардан ва ё то охир нарасонидани табобати ангина он метавонад оқибатҳои нохушро ба бор оварда, касро ба ревматизм, миокардит ва дигар касалиҳо гирифтор созад.

4. Бронхит

Бемории дигаре, ки дар фасли зимистон моро азият медиҳад, ин бронхит аст. Омилҳои пайдоиши беморӣ хеле зиёданд. Ба ҷисми инсон роҳ ёфтани микроорганизмҳои гуногун, шамолкашӣ, шаклан вайрон шудани қафаси сина (деформация грудной клетки) ва баъзе одатҳои бад, аз қабили бисёр тамоку кашидан касро ба бронхит гирифтор карда метавонанд. Маъмулан бронхит бо дарди кунд аз худ дарак дода, баъдан сулфа (аксаран сулфаи балғамдор) сар мешавад. Мариз худро беҳолу бемадор эҳсос мекунад ва табаш баланд мешавад. Худтабобаткунӣ зимни бронхит чандон натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, бинобар ин, ба духтур мурочиат кардан лозим аст.

5. Авитаминоз

Иллати дигаре, ки дар фасли зимистон бисёриҳоро домангир мешавад, ин авитаминоз аст. Тирамоҳ - мавсими ҷамъоварии меваю сабзавот, ки кони витаминҳои табиӣ мебошанд, ба охир мерасад ва бо сард шудани ҳаво нархи ин маҳсулот дар бозорҳо ду-се баробар боло меравад. Албатта на ҳама имконият доранд, ки бо нархи дандоншикан себу ангур, ноку анор ва дигар намудҳои меваҳою сабзавотро харидорӣ намоянд. Мо кӯшиш мекунем, ки меваю сабзавотро бо дигар номгӯйи маҳсулот иваз намоем, вале организмро фиреб дода намешавад. Норасоии витаминҳо боиси он мегардад, ки ҷисм азият кашида, пӯст хушк ва нохунҳои инсон зудшикан мешаванд.

6. Аллергия ба хунукӣ

Ҳайрон нашавед, дар ҳақиқат ҷисми инсон ҳатто ба хунукӣ аллергия пайдо карда метавонад. Нишонаҳои аввалини ин намуди аллергия - ин сӯзиш ва ё хориши пӯст, дамидани сурхӣ дар пӯст мебошад, ки аз дерматит дарак медиҳад. Барои пешгирии ин ҳолат аз малҳам ва кремҳои махсус истифода бурдан лозим аст. Кремро ба он қисматҳои пӯст, ки кушода ҳастанд, асосан ба дастон ва гардан мемоланд. Малҳам ва кремҳоро як соат ё ҳеҷ набошад, ним соат пеш аз баромадан ба кӯча бимолед, дар акси ҳол, ба ҷойи фоида шумо ба организми худ танҳо зарар мерасонед.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ин ҳафта эҳтимоли бад шудани вазъи саломатиятон дар назар аст. Ба сифати хӯроки худ диққати бештар зоҳир намоед. Ҳамзамон, истеъмоли доруворихои гуногун низ тавсия дода намешавад. Дар муҳити корӣ фишору нофаҳмиро эҳсос мекунед.




Савр
21.04 - 21.05

Дар масъалаҳои пулӣ ба моҷарову ҳангома рох додан ат он боиси зиёд гаштани мушкилиҳо мегардад. Азбаски маблағи калони пулӣ ба даст оварда наметавонед, кӯшиш намоед, ки харочоти калон низ накунед. Эҳтимоли хисороти пулӣ дуданатон вуҷуд дорад.




Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар оилаи нафарони оиладор муноқиша имкон дорад. Агар миёни шумову ҳамсаратон нофаҳмие вуҷуд дошта бошад, дар ин ҳафта аз танқиду эрод худдорӣ намоед, вагарна муноқишаатон хеле калон мешавад. Мушкилиҳои корӣ боиси саргардониҳои зиёдатон мегардад.




Саратон
22.06 - 23.07

Давоми ҳафта аз кор баромадани асбобҳои техникӣ ва бесарусомониҳои дигаре пеш меоянд, ки ҳатман аз пайи рафъ намуданашон бояд шавед. Аз шамолкашӣ ва инфексияҳо эҳтиёт шавед. Дар ҷои кор аз ҳад зиёд ба хасташавӣ рох надиҳед.



Асад
23.07 - 22.08

Зодагони мучали асад дар ин ҳафта ба вазъияти душвори молиявӣ гирифтор мешаванд. Сабаб дар харочоти калон ё пули зиёд сарф карданатон мегардад. Ҳангоми ба мағозаву бозор рафтан бо худ пули калон нагардонед, эҳтимоли ба доми дузду ҳаннотон афтоданатон зиёд аст.



Сунбула
23.08 - 22.09

Ҳафта барои зодагони мучали сунбула хеле серташвиш меояд. Хусусан аҳли оила дар ҳалли мушкилиҳо аз шумо фаъолнокиро талаб мекунанд. Дар сурати дастгирӣ накардани эшон ба саратон борони танбеҳу танқид мерезад. Бо таъмири хона машғул нашавед.



Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта зимни муносибат бо атрофиён носозиро эҳсос мекунед. Аз робита бо нафароне, ки пайваста дар пеши назаратон ҳастанд, хаста мегардед ва ин боиси бахсу мунозира ва танқиду эрод мегардад. Бо касе шинос шуданро тавсия намедиҳем.



Ақраб
23.10 - 22.11

Норасоии пулӣ сарчашмаи асосии хавотирии зодагони мучали ақраб мегардад. Мушкилоти молиявӣ, аз қабили вайрон шудани асбобҳои техникӣ ё қисмҳои эҳтиётии мошин сабабгори харочоти иловагӣ мегардад. Дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмӣ дида мешавад.



Қавс
25.11 - 21.12

Зодагони мучали қавс аз кору фаъолияти худ эҳсоси қаноатмандӣ намекунанд. Кӯшиши дар коллектив нақши созгореро бозиданро накунед, сардор ин ташаббусатонро қабул намекунад ва дар натиҷа муносибатҳоятон бад мегардад.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ба сафар баромаданро тавсия намедиҳем, хусусан бо мошин ба роҳи дур набаро ед. Нафароне, ки мошин меронанд, ба қоидавайронкуниҳо рох медиҳанд. Эҳтимоли рехтани обрӯву нуфузатон зиёд аст, аз ин рӯ, ба ягон намуди қоидавайронкунӣ рох надиҳед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ҳафта барои зодагони мучали ҳут душвориҳои зиёдеро пеш меорад. Агар оиладор бошед, ҳамсафари ҳаётӣ бо якравиву гузашт накарданаш ҷонатонро ба лаб меорад. Умуман бо монеаҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардед. Барои ислоҳ намудани вазъият бо касе баҳсу мунозира накунед.

РОҲБАРИ ҶИДДӢ ВА ДОНИШМАНДИ ФОЗИЛ

Ҳаёти инсонӣ ба мисоли осмонест, ки бо ситораҳои пурҷилои худ роҳу маконро равшанӣ мебахшад. Ва ин ситорагон аҳли илм, донишмандоне мебошанд, ки чун гавҳари беназиру тобон дар байни мардум зиндагӣ намуда, бо илму заковат ва ҳунару пешаи худ тирагиҳои ҳаётро равшан мекунанд.



Худойназар Асозода, адабиётшиноси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор аз зумраи он адабиётшиносони соҳибмактабе ба шумор мерафт, ки дар илми шарқшиносии тоҷик мақому манзалати худро соҳиб гашта, баъди худ шогирдону боргоҳи илму маърифатро бо унвони "Махзани адабии профессор Худойназар Асозода" ба ояндагон боқӣ гузошт. Худойназар Асозода ҳанӯз даврони дар қайди ҳаёт буданаш беш аз панҷ ҳазор нусха китоби шахсии худро, ки дар тӯли панҷоҳ соли фаъолияти омӯзгорӣ гирд оварда буд, ба ин махзани илму дониши китобхонаи ДМТ тақдим намуда буд. Ӯ чун донишманд ва омӯзгори асил барои баланд бардоштани дониши назариявию сиёсии худ ва шогирдонаш кӯшиш ба харҷ дода, ба воситаи илму маърифат роҳи миллату кишварашро мехост равшан намояд. Вале афсӯс, ки умр ба ӯ бақо накард ва 18-уми феврал, дар синни 73-солагӣ, бар асари бемории қалб марги нобаҳангом ӯро аз байни мо бурд. Гарчанде имрӯз устод ҷисман дар байни мо набошад ҳам, маҳсули илмӣ ва китобҳои навиштааш ӯро аз хотираҳо фаромӯш шудан намегузорад.

Худойназар Асозода дар оилаи муаллим чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ соли 1956 баъд аз хатми синфи ҳафтум ба Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, солҳои 60-уми асри XX ин таълимгоҳро хатм кардааст. Мудати се сол бо роҳхати Вазорати маорифи ҷумҳурӣ сараввал дар Мактаб-интернати шаҳрчаи Ворошилобод ва баъд дар шаҳрчаи Ҷилликӯли ноҳияи Колхозобод дар синфҳои ибтидоӣ дарс гуфта, фаъолияти меҳнатиашро ҳамчун омӯзгори мактаби миёна оғоз кардааст. Дертар, соли 1963 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, соли 1968 онро бо сари баланд хатм кардааст.

Фаъолияти кории донишгоҳии Асозода ҳамчун лаборанти калони кафедраи забони тоҷикӣ байни солҳои 1968-1970 оғоз мешавад. Саводи хуб ки дошт, бо тавсияи устодон ба аспирантура дохил шуда, байни солҳои 1971-1973 чун аспиранти кафедраи адабиёти советии тоҷики ДДТ таҳсили илм мекунад.

Кору фаъолият дар доираи илмию адабии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) назару андешаи пӯёи устод Худойназар Асозодаро ба шинохту фарогирии масъалаҳои гуногуни илмҳои адабиётшиносӣ қувват бахшид. Фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ дар ҳалқаи устодони шинохтае чун Соҳиб Табаров, Додоҷон Тоҷиев, Воҳид Асрорӣ, Расул Ҳодизода ва дигарон чашми ӯро ба ҷаҳони пурғановати илму адаби тоҷик кушод ва роҳи минбаъдаи фаъолияти ӯро чун шарқшинос муайян намуд.

Моҳи феврали соли 1971 Худойназари ҷавон ҳамчун мутахассис ба Афғонистон сафарбар шуда, то моҳи ноябри соли 1973 ба сифати тарҷумон дар Вазорати геологияи ин кишвар ифои вазифа менамояд. Баъди адои вазифаи хидматӣ таҳсилро дар аспирантура идома дода, 14-уми июни соли 1976 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Симои синфи коргар дар адабиёти советии тоҷик» дифоъ намуда, сазовори номи баланди номзади илмҳои филологӣ гашт.

Баъди бозгашт ба ватан солҳои 1976-1978 ҳамчун ассистент ва муаллими калони кафедраи адабиёти советии тоҷик шуда фаъолияти меҳнатиашро идома додааст. Сафари дуюми хидматиаш ба кишвари Афғонистон ҳамчун тарҷумони гурӯҳи мушовирини Шӯроӣ дар назди Ҳукумати Афғонистон ба байни солҳои 1978-1981 рост меояд.

Баъди гузаштани ин санҷишҳои зиндагӣ Худойназар Асозода ба донишгоҳи азизаш баргашта, то соли 1985 ҳамчун муаллими калон, дотсенти кафедраи адабиёти советии тоҷик шуда кору фаъолияти илмӣ-омӯзгориашро давом додааст. Худойназари ҷавони ташнаи илм бо ин дастовардҳои илмии худ қонеъ нагашта, пажӯҳишҳои илмии худро боз ҳам вусъати тоза мебахшид. Ҳамин кӯшишу талошҳо дар ҷодаи илм буд, ки тақдир ӯро ба Маскав оварда ва байни солҳои 1985-1988 докторанти Институти шарқшиносии Академияи илмҳои ИҶШС гашт. 17-уми феврали соли 1989 рисолаи докториашро дар назди Шӯрои дифои Институти шарқшиносии Москва ҳимоя намуда, бо сари баланд ба ватан баргашт. Дар давоми умри пурбаракати худ устод Асозода ҳамчун сарвари масъулиятшинос, ростқавлу поквиҷдон ва дастгири ҷавонон дар вазифаҳои гуногун, ба монанди дотсент, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДДТ (солҳои 1989-1992), муовини аввали ректори Донишкадаи забонҳо (1992-1993), мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ (1993-1996), декани факултети филологияи ДМТ (1996-1999), мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ (1999-2004), ректори ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (2005-2008), профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ (2008-2010), мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ (2010-2012) ифои вазифа кардааст. Солҳои охири ҳаёташ аз моҳи январи соли 2013 профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Профессор Худойназар Асозода дар давоми фаъолияти пурсамари илмию омӯзгориаш саҳми худро дар рушди таълиму тарбияи донишҷӯён, иштироки фаъолонаи онҳо дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ ва олимони соҳаи филология дареғ надоштааст.

Профессор Худойназар Асозода яке аз сермаҳсултарин олимони адабётшинос ва нақди адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Даҳҳо мақолаҳои илмӣ, беш аз 20 рисола, монография, дастур, барнома, китобҳои дарсӣ ва чанд китоб дар насри мустанад навиштааст. Пажӯҳишҳои ӯ дар бораи эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Сотим Улуғзода, дар бораи таърихи адабиёти муосири Эрон ва Афғонистон аз асарҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик ва нақди адабии имрӯза ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, аз нигоҳи маҳсули эҷодӣ ва мақому манзалат дар илми адабиётшиносии муосири тоҷик Худойназар Асозода аз пуркортарин олимони кишвар баҳисоб рафа, аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузошааст.

Маҷид ҚУРБОНОВ,
декани факултаи филологияи тоҷик,
З. Б. ҚУРБОНОВА,
омӯзгори кафедраи байнифакултавии забонҳои хориҷии ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Мавлудномa

• 21 ДЕКАБР •

Маъруф Содиқов (1908-1989), 115-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Эдуард Айрапетянс (1923-1971), 100-солагии зодрӯзи дирижёр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари ҷумҳурӣ.

• 22 ДЕКАБР •

Раиса Авазбоева (1928), 95-солагии зодрӯзи файласуф.

Андрей Зелинский (1933), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

• 23 ДЕКАБР •

Нафасбек Раҳмонӣ (1953-1995), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Ҷумъахон Сироҷов (1953), 70-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Партав Буйдоқов (1923-1989), 100-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Отуной Дадабоева (1928), 95-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи биология.

Қаюм Комилов (1923-2011), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

• 24 ДЕКАБР •

Азим Норматов (1933-1999), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Ҳуснигул Талбакова (1943), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

Мастибек Тошмуҳаммадов (1908-1989), 115-солагии зодрӯзи генерал-майор, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

• 25 ДЕКАБР •

Ҳамрохон Зарифӣ (1948), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

Ҳакималӣ Назаралӣ (1948), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Саъдулло Ситамов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

• 26 ДЕКАБР •

Валериан Костин (1923), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Владимир Логвин (1928), 95-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Фотима Халилова (1943), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

• 27 ДЕКАБР •

Абдулло Абдурауфов (1928-1975), 95-солагии зодрӯзи сарояндаи опера, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Иосиф Калонтаров (1933), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Олга Париенко (1933), 97-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Қосим Саидов (1928-1995), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи астрофизика.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

►МЕФУРӮШАМ

►Самосвали МАЗ-МАN, 2013 с/б, 4 мост, рангаш зард, нархаш 220 000 сомонӣ. Тел.: 905-07-80-50, 770-00-75-00

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Холматов Абдуҳамид Вахобович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи М. Шерализода М-2, бинои 3, ҳуҷ. 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Маълумотномаи маъюбии №0025355, ба номи Базарбаев Темур Эркинҷонович, аз 23.07.2010, ХДЭБИ, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А0315966, ба номи Ятимов Абдусатор, ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Зафар, деҳаи Навободи поён, рақами қайд №828, ки дар Кумитаи идораи замини ноҳияи Фархор ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А0315970, ба номи Ятимов Хуҷамқул, бо суроғаи ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Зафар, деҳаи Навободи поён, рақами қайд №832, ки дар Кумитаи идораи замини ноҳияи Фархор ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ, шиносномаи техникӣ ва манзилномаи №021372, аз 01.04.2015 ба номи Рахимов Файз, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум, б 128, ҳуҷраи 40-44, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шаҳодатномаи ҶСК "ТОҶКАБЕЛЬ", №0058670, РЯМ: 0410006905, РМА: 040005456, аз 19-уми апрели соли 2010 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Гувоҳномаи №495 дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда ҶСК "ТОҶКАБЕЛЬ", РМА: 040005456, аз 16-уми июли соли 1999 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Нурматова Газинахон Тургунбоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ 6/1, ҳ. 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ва қонунигардонӣ (легализация) ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи М. Мастонгулов 156, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, б 111, ҳ. 48, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Юлдашева Мастура Сабировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 48а, ҳ. 31, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Музафар", РМА: 3330032631, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №1548287 ба номи Охунов Манучеҳр Маҳмасаидович, соли хатм 2023, ки аз ҷониби МТМУ №10-и ноҳияи Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дипломи ДМБ №0224695, рақами қайд №32943, ба номи Алиев Амирҷон Мирзорахматович, ки санаи 01.07.2022 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0224733, рақами қайд №32981, ба номи Сатторзода Абдулҳақ Абдураҳмон, ки санаи 01.07.2022 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкории инфиродӣ ба номи Хабибов Асомуддин Хабибович, №0320066, РЯМ: 0331320688, РМА: 185795982, санаи судур 09.08.2017, ки дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №6Д-1571, аз 14.06.2001 ба номи Каримова Идигул Тугаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад, б 108, ҳ. 48, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯш таҳти феҳристи №6Д-1571, аз 14.06.2001 ба номи Каримова Идигул Тугаевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 48а, ҳ. 31, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шаҳодатномаи ҶСК "ТОҶКАБЕЛЬ", №0058670, РЯМ: 0410006905, РМА: 040005456, аз 19-уми апрели соли 2010 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи саҳми бинои истиқоматӣ (Договор дарения доли жилого дома) бо реестри №8Д-352, ки аз 10.06.2002, аз номи Хасанова Шарофат Зубайдовна ба номи Хасанов Абдувоси ва Хасанова Шаодат Яхьяевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Тургенев, б 78/2, дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии Фрунзе (старшим Государственным нотариусом Фрунзенской государственной нотариальной конторы) ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Хасанов Абдувоси, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Тургенев, б 78/2 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши толори савдо таҳти феҳрасти 3ШД-1359, ки аз 20.12.2021 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Фирдавсии шаҳри Душанбе ба номи Маҳмадалиев Аҳмад Сафаралиевич, маркази савдо воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи А. Ҷомӣ, хонаи 35/2, ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 8Н-253, кори меросии рақами 127/91, ки аз 12.03.1991 дар Идораи нотариалии давлатии 2-юми шаҳри Душанбе ба номи Боқиев Тоҳир Абдунумунович бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи 7-ум гузаргоҳи 40- солагии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.


►Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 9Д-29, ки аз 09.01.1991 аз тарафи Идораи нотариалии 1-уми шаҳри Душанбе ва Дубликати он таҳти феҳрасти 29Б-43 аз 30.01.2009 аз тарафи Бойгонии назди Сариdораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Хамедова Саобат Асороовна, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Карл Маркс, хонаи 60 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шаҳодатнома бо шартҳои махсус ба номи Урузбекова Гулсара, РМА: 076180415, РЯМ: 0730185143, санаи таъсисёбӣ 22.12 2018, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

►Патент ба номи Хамраев Алишер, РМА: 075827498, РЯМ: 0730194621, санаи таъсисёбӣ 11.10.2019, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

►ҶДММ "Маркази савдои Душанбе", №08943, РЯМ: 0210011597, РМА: 020033695, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.



Судоку

					3	2	1	6
	6							
5		8						
8		6			2			
	7		8			5	3	
		4	7					
	3		9		5	6		7
						4		
		2	3		6			

2								
				3	4			
					6	5	1	4
8	1		9				6	
7					3			
	6							
	7			5				2
	9	4	1		2	3		
6								8


Фарқиятҳоро ёбед



Лабиринт



СКАНВОРД



«Ну погоди!»

Писарбачае аз фанни забони русӣ баҳои 2 мегираду ба хона омада, гиря мекунад. Падараш мепурсад:

- Чаро гиря дорӣ?

Писарбача мегӯяд:

- Аз фанни забони русӣ баҳои 2 гирифтам. Муаллим пурсид, ки гург ба забони русӣ чӣ мешавад, надонистам.

Падараш мегӯяд:

- Наход ҳамин саволи оддиро надонӣ!? Гург ба забони русӣ «Ну погоди» мешавад.

Қасос

Марде ба дусташ мегӯяд:

- Медонӣ, дишаб қариб номи маъшуқаамро мегирифтам. Аз тарс рафта гурба харидаму номашро «Ноз» гузоштам.

Дӯсташ мегӯяд:

- Нағз ку, бисёр фикри олӣ!

Мард мегӯяд:

- Э аз куҷо олӣ, занам рафта саг харида овардааст номашро «Хол» гузоштааст. Акнун чӣ фикр карданамро намедонам!



5 дақиқаи хушбахтӣ

Ду марди нафақагир дар боғ нишастаанд, ки аз наздашон чавондухтаре мегузарад. Яке аз мардон бо чашми ҳавас:

- Кош аз нав ҷавон мешудам!

Марди дигар:

- Ту ақлатро хӯрдай магар? Барои 5 дақиқаи хушбахтӣ боз 40 соли дигар кори давлат кунем?

Шукргузорӣ

Мардеро диданд, ки “шукри Худои меҳрубон” гӯён, аз кӯча мегузашт. Аз ӯ сабаби шукргузориашро пурсон шуданд.

- Харамро гум кардам,- ҷавоб дод мард.

- Харатро гум карда бошӣ, чаро хурсандиву шукргузорӣ мекунӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Охир, агар дар болои хар мебудам, се рӯз боз ман ҳам гум будам.

Темурланг

Муаллим:

- Темурланг чӣ гуна ба сари қудрат омад?

Талаба:

- Лангида-лангида...

Самбӯса

Зане дар дохили автобус ба кӯдакаш самбӯса медиҳад, вале тифлак хӯрданашро рад мекунад. Зан ба донишҷӯе, ки ҳамроҳашон дар автобус буд, ишора карда, мегӯяд:

- Агар нахӯрӣ, самбӯсаро ба ана ҳамон акаат медиҳам.

Кӯдак бошад, ҳамоно аз хӯрдани самбӯса саркашӣ мекунад. Тоқати донишҷӯ тоқ мешаваду ба зан рӯ меорад:

- Апа, ҳамон самбӯсаро доданӣ бошед, зудтар диҳед. Ба умеди шумо аз донишгоҳ ду истгоҳ гузаштам.

Тӯй дар қисми ҳарбӣ

Як сарбоз се маротиба аз хизмати ҳарбӣ мегурезад. Вақте ки ӯро бори сеюм қапида меоранд, суд мекунанд. Судя мепурсад:

- Чаро се бор аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ кардӣ?

- Дар қисми ҳарбии мо ҳар рӯз тӯй аст. Як кас арӯс ва каси дигар домод мешавад. Ман бошам, наворбардор ҳастам,- арз мекунад сарбоз.

- Нағз-ку, ту арӯс намешудай, чаро мегурезӣ?

- Охир, ҳар саҳар баъди аз хоб хестан, фитта (диск)-и тӯй канӣ гуфта, маро мезананд,- мегӯяд сарбоз.

Таҳияи
Н. РАҶАБОВА

Сканворд





Барқ ҳам муҳоҷир шуд

Дар деҳа дар даврае нишаста, аз бурду бохти рӯзгор сӯҳбат доштем. Марди мачрӯҳе бо ҳасрат гуфт:

—Дар деҳаҳо мард намонду дар мактабҳо муаллим, ҷӯрачон.

—Ба куҷо рафтанд ҳама?, - пурсидам аз ӯ.

Гуфт:

—Ба куҷо мешуд, албатта ба муҳоҷират.

Мавзӯи муҳоҷират нав гарм шуда буд, ки барқ хомӯш шуд.

Нафаре хандиду гуфт:

—Ана барқ ҳам муҳоҷир шуд.

Рақси зиндаву консерти мурда

Дар консерти ҳофизе ширкат доштем. Қариб ҳама сурудхояшро ҳофиз бо фонограмма мехонду рақҳосаҳо ҳунарнамоӣ мекарданд. Аз Мундонӣ, ки дар паҳлӯям менишаст, пурсидам:

-Консертеро, ки дар он ҳофиз бо фонограмма мехонаду рақҳосаҳо мерақсанд, чӣ ном мебаранд?

Гуфт:

-Рақси зиндаву консерти мурда.

Суннатро иҷро мекунем гуфта, фарзро аз даст додем

Рафиқе ҳам зан дошту ҳам маъшуқа. Ӯро ба роҳи рост ҳидоят карданӣ шуда, хеле насиҳат карда, гуфтем:

—Маъшуқабозӣ гуноҳ аст, зеро зино ба ҳисоб меравад. Агар аз маъшуқаат дур шуда натавонӣ, бехтараш ӯро ҳам ба никоҳат дарор. Бо ин роҳ ту ҳам савоб мегирӣ ва ҳам суннати пайғамбарро ба ҷо меорӣ.

Ниҳоят баъди насиҳатҳои зиёд, ӯ маъшуқаашро ҳам, ба никоҳаш даровард. Рӯзе, вақте ба дидорбиниаш омадем, маълум шуд, ки зани асосиаш, ӯро тарк кардааст ва зани нав низ, рафтааст.

Лаҳзае ба дилбардориҳои мо гӯш карда, гуфт:

—Суннатро иҷро мекунем гуфта, фарзро аз даст додем.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА